ПИРМАҲМАД НУРОВ

# ФАРҲАНГИ

## НАВВОЖАҲОИ

## ТОҶИКӢ

ДУШАНБЕ – 2020



Равшанфикр – Огоҳӣ, Озодӣ, Ободӣ. https://ravshanfikr.tj

**АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ПИРМАҲМАД НУРОВ**

# ФАРҲАНГИ

## НАВВОЖАҲОИ

## ТОҶИКӢ

(вожаҳо нав аз хондаҳо, дидаҳо, шунидаҳо
ва дар қиёс сохтаҳо)

**ДУШАНБЕ – 2020**



Равшанфикр – Огоҳӣ, Озодӣ, Ободӣ. https://ravshanfikr.tj

ББК 83.3 (2 тоҷик)
Н-91
УДК 891.550

Дар Фарҳанг тақрибан 3500 вожаи нави тоҷикӣ ва маъниҳои луғавии онҳо, ки зимни таҳлили таркиб ва захираи луғавии забони тоҷикӣ аз батни луғатномаву фарҳангҳои дастрас, мушоҳидаҳои шахсии муаллиф нисбат ба ҳодисаву рӯйдоду падидаҳои табиат, таҷрибаи ҳаёт, шунидаҳо, хондаҳо, ҳамчунин зимни сохтани ҳамгунаи тоҷикии истилоҳоти илмию техникии русӣ (англисӣ), гирдоварӣ ва мавриди баррасии умум қарор дода шудааст. Вожаҳои нав дар заминаи вожаҳои асили тоҷикӣ ва баъзан омехта бо вожаҳои маъмули арабиасли тоҷикӣ сохта шудаанд ва имкон дорад ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ ворид шуда, онро ғанӣ гардонанд. Дар баробари сохтани баъзе вожаҳои нав, бархе вожаҳои дар шеваҳои тоҷикӣ маъмул низ ба гуфти устод Садриддин Айнӣ «бо сӯҳони қоида суфта ва бо чилбури маънӣ сайқал дода» корбаст шудааст.

Умедворем, ки ин тасмим дар оянда аз тарафи мутахассисони истилоҳсоз ва забоншиносони кишвар идома пайдо хоҳад кард ва бо ин роҳ таркиби луғавии забони тоҷикӣ боз ҳам ғанитар хоҳад шуд.

ISBN

©П.Нуров, 2020

# ПЕШГУФТОР

Забон падидаест, ки вобаста ба давру замон ҳамеша дар ҳоли рушду таҳаввул қарор дорад. Вай ҳам аз ҳисоби вожасозии дохилизабонӣ ва ҳам аз ҳисоби иқтибос гирифтани вожаву истилоҳот аз забонҳои дигар, ки бо мақсади баёни мафҳумҳои нав дар робита ба дигаргуниҳову навсозиҳои ҷомеаи башарӣ ба миён омадаанд, ғанӣ мегардад.

Бино бар ин, вазифаи муҳимму ҷонии соҳибназарон дар ҳар як давраи таърихӣ аз он иборат аст, ки барои сохтану пазируфтани вожагону истилоҳот камари ҳиммат банданд ва аз ҳисоби ин вожагону истилоҳот таркиби луғавии забони миллиро ғанитар гардонанд.

Вожагони ҳар забони миллӣ аслан чизу ашё, ҳодисаву падида ва рӯйдоду воқеиятро ифода мекунанд ва ҳамаи он тағйироте, ки дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, ҷамъиятӣ, соҳаҳои илму фан ба вуҷуд меояд, ба воситаи вожаҳои нав баён карда мешавад.

Яке аз роҳҳои бо вожаҳои нав ғанӣ гардонидани таркиби луғавии забони тоҷикӣ - истилоҳсозӣ, яъне сохтани ҳамгунаҳои тоҷикии истилоҳоти забонҳои пешрафтаи ҷаҳон, мисли забонҳои англисӣ, русӣ, фаронсавӣ ва забонҳои дигар мебошад. Таҷрибаи истилоҳсозӣ, хусусан сохтани истилоҳоти илмию техникии тоҷикӣ нишон медиҳад, ки истилоҳ ва ибораҳои наве, ки бо истифода аз имконоти дохилии забони тоҷикӣ сохта шудааанд, метавонанд минбаъд маънии луғавӣ пайдо карда, ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ ворид шаванд ва ин ганҷинаро ғанитар гардонанд.

Масалан, истилоҳи «абарсадо», ки ҳамгунаи тоҷикии истилоҳи русии «гиперзвук» мебошад ва аз пешванди қадимии тоҷикии «абар» ва вожаи «садо»

сохта шудааст, метавонад ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ ворид гардида, дар баробари мазмуни истилоҳӣ, ҳамчунин маънии луғавии «садои ниҳоят баланд»-ро соҳиб гардад. Ё вожаи «абарвазнин» ба маънии маҷозии ниҳояти сангинӣ. Аслан вожаи «вазнин», яъне сангин, ки аз вожаи арабиасли «вазн» ва пасванди «ин» сохта шудааст, хоси забони тоҷикист ва аз тарафи ҳамзабонони мо дар Эрону Афғонистон истифода намешавад. Ё вожаи «нурбардорӣ», ки ба сифати ҳамгунаи вожаи русии «светостойкость» пазируфта шудааст, метавонад маънии луғавии «ба таъсири нур тоқатпазир будани чиз, ашё ва монанди ин»-ро дошта бошад.

Мавриди зикр аст, ки зимни сохтани ҳамчандҳои тоҷикии истилоҳоти илмию техникии русӣ таҷрибаи донишмандон ва истилоҳшиносони барҷастаи тоҷик Муҳаммад Осимӣ, Муҳаммадҷон Шукуров, Акбар Турсунов, Саидҷаъфар Қодирӣ ва дигарон омӯхтаву истифода шудааст.

Дар ин Фарҳанг тақрибан 3500 вожаи нави тоҷикӣ ва маъниҳои луғавии онҳо, ки зимни таҳлили таркиб ва захираи луғавии забони тоҷикӣ аз батни луғатномаву фарҳангҳои дастрас, мушоҳидаҳои шахсии муаллифон нисбат ба ҳодисаву рӯйдоду падидаҳои табиат, таҷрибаи ҳаёт, шунидаҳо, хондаҳо, ҳамчунин зимни сохтани ҳамгунаҳои тоҷикии истилоҳоти илмию техникии русӣ (англисӣ), гирдоварӣ ва мавриди баррасии умум қарор дода шудааст. Вожаҳои нав дар заминаи вожаҳои асили тоҷикӣ ва баъзан омехта бо вожаҳои маъмули арабиасли тоҷикӣ сохта шудаанд ва имкон дорад ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ ворид шуда, онро ғанӣ гардонанд.

Бояд ёдовар шуд, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронӣ ба муносибати Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи 4 октябри соли 2019 дар иртибот ба зарурати корбасти баъзе вожаҳои асили мавҷуд дар шеваҳои тоҷикӣ чунин таъкид намуданд: «Дар таркиби шеваҳои мардуми мо ҳазорон калимаҳои асилу ноби тоҷикӣ мавҷуданд, ки бо сабабҳои гуногун аз доираи истеъмол берун мондаанд. Вазифаи аввалиндараҷаи забоншиносону фолклоршиносон ин аст, ки зимни таҳқиқоту ҷустуҷӯҳои илмӣ чунин калимаҳоро аз дохили шеваҳо дарёфт карда, онҳоро ба доираи муомилоти забони адабии тоҷикӣ ворид намоянд».

Вобаста ба ин таъкид, дар фарҳанги мазкур дар баробари сохтани баъзе вожаҳои нав, бархе вожаҳои дар шеваҳои тоҷикӣ маъмул низ ба гуфти устод Садриддин Айнӣ «бо сӯҳони қоида суфта ва бо чилбури маънӣ сайқал дода» корбаст шудааст.

Умедворем, ки таҳияву тадвини чунин Фарҳанг дар оянда аз тарафи мутахассисони истилоҳсоз ва забоншиносони кишвар идома пайдо хоҳад кард ва бо ин роҳ таркиби луғавии забони тоҷикӣ боз ҳам ғанитар хоҳад шуд.

Муаллиф барои маслиҳатҳои судманд дар таҳияи ин фарҳанг ба узви вобастаи АИ ҶТ, доктори илмҳои филологӣ Мирзо Ҳасан Султон, доктори илмҳои филологӣ, шоири халқии Тоҷикистон Аскар Ҳаким, донишманди ҷавон Мубашшир Акбарзод арзи сипос менамояд.

| А | |
|---|---|
| абарвазнин | беҳад (ниҳоят)  вазнин |
| **абарвазнинӣ** | вазнинии ниҳоят зиёд доштан |
| **абардеҳ** | деҳи бузург |
| **абарлаҳн** | лаҳни ниҳоят баланд |
| **абармард** | марди бузург |
| **абармуҳкам** | беҳад муҳкаму устувор |
| **абармуҳкамӣ** | муҳкамии ниҳоят зиёд доштан |
| **абарнозук** | бисёр нозук (маҳин тунук) |
| **абарнозукӣ** | ниҳоят нозук (маҳин, тунук) будан |
| **абаровоз** | овози ниҳоят баланд; дорои овози баландтарин, тенор |
| **абарпок** | беҳад покиза (ноолуда) |
| **абарпокӣ** | покӣ (тозагӣ)-и ниҳоят зиёд доштан |
| **абарроҳ** | роҳи бузург, шоҳроҳ |
| **абарсадо** | садои ниҳоят баланд |
| **абарсахт** | беҳад сахт |
| **абарсахтӣ** | сахтии беҳад зиёд доштан |
| **абарситора** | ситораи калонтар аз ситораҳои дигар |
| **абарсуръат** | дорои суръати ниҳоят тез (зуд) |
| **абарустувор** | беҳад муҳкаму устувор |
| **абарустуворӣ** | устувории зиёд доштан |
| **абарҳассос** | беҳад ҳассос |
| **абарҳассосӣ** | ҳассосии зиёд доштан |
| **абаршаҳр** | шаҳри бузург |
| **абаршоро** | беҳад шоро (шоранда) |
| **абаршороӣ** | шороии зиёд доштан |
| **абрпора** | пораи абр |

| | |
|---|---|
| **азимсайёра** | сайёраи азим, сайёраи ниҳоят бузург |
| **азимситора** | ситораи азим, ситораи ниҳоят бузург |
| **аксамал** | амали зид(д), амали баръакс |
| **аксандоз** | воситаи партофт кардани акс (расм, сурат) дар рӯйи чизе (масалан, девор) |
| **аксандозӣ** | партофт кардани акс (сурат, расм) |
| **акснамо** | воситае, ки инъикос (акс)-и чизеро нишон медиҳад |
| **акснамоӣ** | нишон додани акс, намудор кардани акс |
| **акспарто** | ниг.: **аксандоз** |
| **акспартоӣ** | ниг.: **аксандозӣ** |
| **ақибнигарӣ** | ба ақиб нигаристан |
| **алавпаз** | ба воситаи алав (оташ) пухташуда (пазондашуда), дар алав пухташуда |
| **алавпухт** | ба воситаи алав (оташ) пухтан (пазондан), дар алав пухтан |
| **алавҷӯш** | ба воситаи алав (оташ) ҷӯшанда |
| **алмосарра** | арраи алмосӣ |
| **алмоспарма** | пармаи алмосӣ |
| **амиқғӯта** | ғӯтазании амиқ |
| **амиққӯл** | кӯли амиқ (жарф) |
| **амиққӯфт** | амиқтар (чуқуртар) кӯфтан |
| **амиқрафт** | амиқтар (чуқуртар) рафтан |
| **амиқшино** | шинои амиқ |
| **амудафтиш** | афтиши амудӣ |
| **амудпартоб** | партофти амудӣ |

| | |
|---|---|
| **амудтир** | тир, яъне меҳваре, ки ба таври амудӣ ҷойгир аст |
| **амудхат** | хатте, ки ба таври амудӣ ҷойгир аст (ё кашида шудааст) |
| **анбошта** | ниг.: **андӯхта** |
| **анвоъвожа** | вожаи ифодакунандаи номи анвоъ |
| **ангезандагӣ** | хусусияти ангехтан доштан |
| **ангехтаҳолат** | ҳолати ангехта (дар ҳаяҷон) |
| **ангиштбез** | абзори бехтани ангишт |
| **ангиштбезӣ** | |
| **ангишткулча** | кулча (тахтача)-и бо таври саноатӣ омодашудаи ангишт, брикет |
| **ангиштрасонӣ** | таъмин (додан)-и ангишт |
| **ангиштполо** | абзори полудани ангишт |
| **андаккофт** | андаке (каме) кофтани даруни чизе |
| **андаккӯфт** | андаке (каме) кӯфтан чизе ба чизе (масалан, мех ба чӯб) |
| **андаксӯхт** | андаке (каме) сӯхтан |
| **андаксӯхта** | андаке (каме) сӯхташуда |
| **андакҷаст** | андаке (каме) ҷастан |
| **андамал** | амали бешумор (масалан, абзор) |
| **андамала** | дорои амали бешумор (масалан, абзори андамала) |
| **андарзад** | ба даруни якдигар задан |
| **андаркӯфт** | ба даруни якдигар кӯфтан |
| **андармонд** | ба даруни якдигар мондан |
| **андаряк** | дар даруни якдигар, омехта |
| **андгарданда** | дорои гардиши бешумор |
| **андгардиш** | гардиши бешумор (зиёд) |

| | |
|---|---|
| **андгуна** | дорои гуна (намуд, шакл)-ҳои зиёд |
| **андгунагӣ** | гуна (намуд, шакл)-ҳои зиёд доштан |
| **андзарб** | бешумор зарб задан |
| **андқабат** | дорои қабати бешумор (зиёд) |
| **андқабатӣ** | қабати бешумор доштан |
| **андохт** | андохтан; партофтан |
| **андохта** | андохташуда; партофташуда |
| **андпӯша** | дорои пӯшаи бешумор (зиёд) |
| **андтақсим** | ба чанд ҳисса тақсим кардан (ҷудо намудан) |
| **андӯза** | андӯхташуда, захиракардашуда |
| **андӯзин** | андӯхташудаҳо, захирашудаҳо |
| **андӯхта** | андӯхташуда, захирашуда; захира |
| **андӯхтаангишт** | ангишти андӯхта (захира) |
| **андӯхтамаблағ** | маблағи андӯхта (захира) |
| **андӯхтамавод** | маводди андӯхта (захира) |
| **андӯхтанеру** | неруи андӯхта (захира) |
| **андӯхтаоб** | оби андӯхта (захирашуда) |
| **андӯхтатило** | тилои андӯхта (захира) |
| **андчарханда** | дорои чархиши бешумор |
| **андчархиш** | чархиши бешумор (зиёд) |
| **андшумор** | чанд бор шуморкардашуда |
| **андшуморӣ** | чанд бор шумор кардан |
| **андяк** | аз анд (чанд) як ҳисса |
| **андякадад** | аз анд (чанд) як ҳиссаи адад |
| **андякрӯз** | аз анд (чанд) як ҳиссаи рӯз |
| **андяксол** | аз анд (чанд) як ҳиссаи сол |
| **андякшаб** | аз анд (чанд) як ҳиссаи шаб |

| | |
|---|---|
| **анчбоб** | майдашаванда, резашаванда |
| **анҷабзор** | абзори майда-майда (реза-реза) кардан |
| **анҷиш** | анҷидан, майда-майда (реза-реза) кардан |
| **аррабур** | ба воситаи арра буридашуда |
| **аррабурӣ** | ба воситаи арра буридан |
| **аррамавод** | маводди чӯбие, ки тавассути арридан пайдо шудааст |
| **аррамайда** | чӯбгардаҳое, ки баъди арра кардан ҳосил мешаванд |
| **абзоршиша** | шишаи абзорсозӣ |
| **аспкӯб** | бо асп кӯбидашуда (масалан, гандум) |
| **аспкӯбиш** | тариқи аспгардонӣ кӯбидани гандум |
| **аслфилиз** | филиз(з)и асил |
| **афзалиятдорӣ** | нисбат ба чизе афзалият доштан |
| **афзоишдеҳ(ак)** | ниг.: **афзуна** |
| **афзоишдиҳӣ** | афзоиш додан, зиёд кардан |
| **афзоя** | зиёдкунанда, афзоишдиҳанда |
| **афзуна** | воситаи афзун гардонидани (афзоиш додан)-и чизе |
| **афзунгардонӣ** | зиёд кардани микдори чизе |
| **ашёвожа** | вожаи ифодакунандаи номи ашё |
| **Б** | |
| **багудозоварӣ** | ба ҳолати гудохта овардан |
| **бадавомад** | давида-давида омадан |
| **бадаврафт** | давида-давида рафтан |
| **бадавҷаст** | давида-давида ҷастан |

| | |
|---|---|
| **бадалкард** | бадал кардан, табдил додан, иваз намудан, тағйир додан |
| **баданларза** | ларзаи бадан |
| **баданларзиш** | ларзиши бадан |
| **бадаркард** | бадар кардан, берун кардан |
| **бадбаст** | ниг.: **бадпайваст** |
| **бадгудоз** | бад гудохташаванда |
| **бадпайваст** | пайвасти бад (нохуб, номувофик) |
| **бадмаҳлул** | бад ҳалшаванда, хуб ҳалнашаванда |
| **бакашишой** | ба кашиш даромадан |
| **балақчашма** | чашмае, ки обаш балақ-балақ боло мепарад |
| **балақҷӯшиш** | балақ-балақ ҷӯшидан |
| **баландисанҷӣ** | чен кардан (андоза гирифтан)-и баландӣ |
| **баландсуръат** | дорои суръати баланд |
| **баландтаб** | дорои таб (гармӣ)-и баланд |
| **баландтабӣ** | таби баланд доштан |
| **бапаришой** | ба париш даромадан |
| **бар** | канор; оғӯш;. паҳлу; тараф |
| **барандохт** | дур андохтан, партофтан |
| **баргирифт** | гирифта як сӯ мондан, кушода гирифтан (масалан, чархи автомобил); ҳамч. ниг.: **баргирӣ** |
| **баргирӣ** | ба бар (оғӯш, канор) гирифтан |
| **баргузошт** | ба бар (канор) гузоштан |
| **бардбод** | боди бард (сард) |
| **бардоб** | оби бард (сард) |
| **бардхона** | хонаи бард (сард), сардхона |
| **бардҳаво** | ҳавои бард (сард) |

| | |
|---|---|
| **барзад** | баргардонидан; гардонида шудан; ба канор задан; ба ҳар сӯ задан; қат кардан |
| **барканд** | канда гирифтан (масалан, пӯсти ҳайвонро) |
| **барканиш** | канда партофтан |
| **баркард** | бар кардан, боло бардоштан |
| **баркашид** | баркаш кардан |
| **барқа** | шунаҳи чароғаки барқӣ (электрикӣ) |
| **барқгардон** | абзоре, ки барои ҳифз аз зарари раъду барқ истифода мешавад |
| **барқзанӣ** | барқ задан; задани барқ, дурахшидани барқ |
| **барқсон** | ба сон (монанд)-и барқ |
| **барқсона** | шуоъи фурӯзонаки барқӣ (электрикӣ) |
| **барқтаноб** | таноб (кабел)-и барқрасон |
| **барқшуоъ** | шуоъи барқ |
| **бармонд** | ба бар (тарафе) гирифта мондан |
| **бармонда** | ба бар (тарафе) гирифта мондашуда |
| **барнишаст** | дар бар (паҳлу, канор) нишастан |
| **барнишаста** | дар бар (паҳлу, канор) нишаста |
| **барнишонӣ** | дар бар (паҳлу, канор) шинонидан |
| **баробаркард** | баробар кардан |
| **бароз** | фароз, баландӣ |
| **барозак** | баландии андак |

| | |
|---|---|
| **барозроҳ** | роҳи бароз (роҳи пасту баланд) |
| **барорёфт** | барор ёфтан |
| **бароркард** | барор кардан, омад кардан |
| **барпартофт** | ба канор партофтан; ба боло партофтан |
| **барсӯ(й)** | сӯи боло; сӯйи боло |
| **барсӯдиҳӣ** | ниг.: **болодиҳӣ** |
| **барсӯдод** | ниг.: **болодод** |
| **барфанбӯх** | анбӯҳи барф; тӯдаи барф |
| **барфбод** | боди барфомез |
| **барфистон** | ҷойи сербарф |
| **барфкоҳиш** | паст шудани сатҳи барф |
| **барфкӯчиш** | кӯчиши барф; тарма |
| **барфқабат** | қабати барф |
| **барфоба** | обе, ки аз барф ҳосил мешавад, оби барф |
| **барфпарда** | пардаи барф |
| **барфтӯда** | тӯдаи барф |
| **бархест** | бархестан; боло шудан; парвозӣ шудан |
| **барчаспонӣ** | аз бар часпонидан |
| **баршинонӣ** | ба (аз) бар шинонидан; ба (аз) бар часпонидан |
| **бастагӣ** | дармондан дар чизе; баста гардидани роҳи ба мақсаде расидан |
| **баствора** | чизе, ки чизеро бо ҳам пайваст менамояд |
| **бастгоҳ** | ҷой (нуқта)-и бо ҳам бастан |
| **бастоба** | оби баста (шахшуда), ях |
| **баҳрамвоҷ** | мавҷҳои баҳр |
| **баҳргард** | дар баҳр гарданда (масалан, киштӣ) |

| | |
|---|---|
| **баҳргардӣ** | дар баҳр гаштан (ҳаракат кардан) |
| **баҳриқлим** | иқлими баҳр |
| **баҳрбод** | бод (шамол)-и баҳр |
| **баҳрнамак** | намаки баҳр |
| **баҳроб** | оби баҳр |
| **баҳртобиш** | тобиши баҳр |
| **баҳршино** | шино дар баҳр; дар баҳр шинокунанда |
| **бачунбишоӣ** | ба ҷунбиш омадан (даромадан) |
| **бегонавожа** | вожаи бегона |
| **бегонавожагон** | вожагони бегона |
| **безараргардонӣ** | аз зарар раҳоӣ бахшидан |
| **безидан** | бехтан, полоидан |
| **безиш** | амали бехтан |
| **белдаста** | дастаи бел |
| **берунандозӣ** | берун андохтан, берун кардан |
| **берунандохт** | ниг.: **берунандозӣ** |
| **берунбарӣ** | берун бурдан |
| **берунбурд** | берун бурдан |
| **берунгирифт** | берун гирифтан (аз дарун) |
| **берунгирӣ** | ниг.: **берунгирифт** |
| **берунгузошт** | дар берун гузоштан |
| **берундевора** | девораи берунӣ |
| **берункард** | берун кардан |
| **берункашӣ** | берун кашидан |
| **берунқабат** | қабати берунӣ |
| **беруннамуд** | намуди берунӣ |
| **беруннамо** | ниг.: **беруннамуд** |
| **беруннасб** | аз берун насбшуда |
| **беруновард** | аз дарун ба берун баровардан |

| | |
|---|---|
| **беруноварӣ** | аз дарун ба берун баровардан |
| **берунсимо** | симои берунӣ |
| **берунтохт** | давида (тохта) берун омадан |
| **берунхазиш** | ба берун хазидан |
| **бехпӯсиш** | аз бех (таг) пӯсидан |
| **бехт** | ниг.: **безиш** |
| **бешароҳ** | роҳ (пайроҳа)-е, ки аз даруни беша мегузарад |
| **бешин** | зиёдтарин, калонтарин, баландтарин ва ғайра |
| **бешинадад** | адади калонтарин |
| **бешинвазн** | вазни зиёдтарин; одами зиёдвазн |
| **бешиндарозо** | дарозои зиёдтарин |
| **бешинжарфо** | жарфои зиёдтарин |
| **бешинқад** | дорои қади баландтарин |
| **бешинқимат** | қимати калонтарин |
| **бешиновоз** | дорои овози баландтарин, тенор |
| **бешинпаҳно** | паҳнои зиёдтарин |
| **бешинроҳ** | роҳи дарозтарин |
| **бешинрӯз** | рӯзи дарозтарин |
| **бешинсатҳ** | сатҳи зиёдтарин |
| **бешинҳаҷм** | ҳаҷми зиёдтарин |
| **бешиншаб** | шаби дарозтарин |
| **бидиргуфтор** | касе, ки бидир-бидир гап мезанад |
| **бикрзамин** | замини бикр (корамношуда) |
| **бимдошт** | бим (тарс) доштан |
| **боғнова** | новдони боғ (новае, ки тавассути он пасоби боғ берун карда мешавад) |
| **бодафтиш** | бо таъсири бод афтодан |

| | |
|---|---|
| | (масалан, дарахтон) |
| **бодбарф** | барфу боди якҷо |
| **бодборон** | борону боди якҷо |
| **бодвазиш** | вазидани бод |
| **бодгирифт** | ниг. **бодгирӣ** |
| **бодгирӣ** | бод гирифтан; тез шудан, суръат гирифтан |
| **бодғуриш** | ғуриши бод |
| **боддех(ак)** | абзори боддиҳӣ; воситаи бод дода, тоза кардан (масалан, гандумро) |
| **боддиҳӣ** | бод (шамол) додан; ба бод додан (масалан, беҳуда сарф кардани чизе) |
| **боддод** | ниг.; **боддиҳӣ** |
| **бодкард** | бод дода тоза кардан (масалан, гандум) |
| **бодларз** | аз (бо) таъсири бод ларзанда |
| **бодларза** | ларза бо таъсири бод |
| **бодларзиш** | аз (бо) таъсири бод ларзидан |
| **бодлес** | бо таъсири бод (шамол) лес (лағжонак) шуда |
| **бодмавҷ** | мавҷи бод (шамол) |
| **боднамо** | абзоре, ки самти вазиши бодро нишон медиҳад |
| **боднеру** | неру (энергия)-и бод |
| **бодоворд** | чизе, ки тавассути бод омада, дар як ҷой ҷамъ шудааст |
| **бодосиёб** | осиёби бодӣ |
| **бодрафт** | мисли бод рафтан |
| **бодрез** | ба сабаби вазиши сахти бод меваҳои аз дарахт рехташуда |

| | |
|---|---|
| **бодрехт** | бо таъсири бод рехтани мева аз дарахт |
| **бодрониш** | ба воситаи бод рондани чизе (масалан, чанг) аз рӯйи чизи дигар (масалан, санг) |
| **бодрӯфт** | тавассути бод рӯфта шудан (масалан, барги хазони дарахтон) |
| **бодрӯфта** | тавассути бод рӯфтаю дар як ҷо ҷамъшуда (масалан, барги хазони дарахтон) |
| **бодсанҷ** | абзоре, ки ба воситаи он дараҷаи вазиши бод андозагирӣ мешавад |
| **бодсанҷӣ** | санҷидани бод |
| **бодсел** | сели бодҳамроҳ |
| **бодсӯфта** | бо таъсири бод сӯфташуда |
| **бодсӯфтагӣ** | тавассути доимӣ вазидани бод сӯфта (ҳамвор) шудани сатҳ (масалан, сатҳи кӯҳ) |
| **бодфишор** | фишори бод |
| **бодхӯрда** | бо таъсири бод хӯрдашуда |
| **бодхӯрдагӣ** | дар натиҷаи вазиши бод дигар шудани хосияти чизе (масалан, хок) |
| **бодҷунбиш** | бо таъсири бод ба ҷунбиш омадан |
| **бодҷунб** | бо таъсири бод ҷунбанда |
| **бозафтиш** | афтиши такрорӣ, боз афтодан |
| **бозгар** | нахустин каси ошкоркунанда (бозкунанда, ҳувайдокунанда); кашшоф |
| **бозгудохт** | аз нав гудохтан, гудохтани |

| | |
|---|---|
| | такрорӣ |
| **бозгузошт** | аз нав ба ҷояш гузоштани чизе |
| **бозист** | ист кардан |
| **бозистифода** | истифодаи такрорӣ |
| **бозкард** | бори нахуст боз кардан, ошкор намудан, ҳувайдо намудан, кашф намудан |
| **бозкушо** | ниг.: **бозгар, вогар** |
| **бозкушоӣ** | ниг.: **бозкард, вокард** |
| **бозмонд** | аз кор мондан; ақиб мондан, қафомонӣ |
| **бознамо** | намоёнкунанда; ошкорсозанда; баёнкунанда |
| **бознамоӣ** | аз нав намоён кардан; аз нав ошкор сохтан, аз нав баён намудан |
| **бознишаст** | баргашта ба ҷойи худ нишастан |
| **бозомад** | аз нав омадан |
| **бозпайваст** | баргашта бо ҳам пайваст кардан |
| **бозпухт** | аз нав пухтани чизе |
| **бозрехт** | аз нав рехтан (ҷорӣ шудан), аз нав ба резиш омадан |
| **бозрӯ(й)** | рӯйи кушода |
| **бозрӯя** | рӯяи кушода |
| **бозшуморӣ** | аз нав шумор кардан, аз нав ба ҳисоб гирифтан |
| **бозшумурд** | ниг.: **бозшуморӣ** |
| **бозҷорӣ(ш)** | аз нав ҷорӣ шудан; аз нав ба резиш омадан |
| **бозҷӯйиш** | амиқтар ҷӯстан |
| **бозҷӯшонӣ** | такроран (дубора) |

| | |
|---|---|
| | ҷӯшонидан |
| **болғакӯб** | ба воситаи болға кӯбидашуда |
| **болғакӯбиш** | ба воситаи болға кӯбидан |
| **болғакӯфт** | ба воситаи болға кӯфтан |
| **болобар(ак)** | воситаи ба боло (баландӣ) бардоштан |
| **болобурд** | ба боло (баландӣ) бурда расондан |
| **болодиҳӣ** | ба боло додан (равона кардан) |
| **болодод** | ниг.: **болодиҳӣ** |
| **болокард** | боло кардан; бардоштан |
| **болокашӣ** | ба боло кашидан |
| **боломайл** | ба боло майлкунанда |
| **болонамуд** | намуд аз тарафи боло |
| **болопарид** | ба боло паридан (ҷастан) |
| **болорафт** | ба боло рафтан; афзудани чизе (масалан, нарх) |
| **болорӯ** | рӯ ба боло |
| **болорӯя** | рӯя (тараф)-и болои чиз |
| **болосамт** | ба боло самтгиранда |
| **болофишурӣ** | ба боло фишурдан (фишор овардан) |
| **болохест** | ба боло хестан (баланд шудан) |
| **болоҷаст** | ба боло ҷастан |
| **болоҷориш** | ба сӯйи боло ҷорӣ шудан |
| **болоҷунбиш** | ҷунбиш (ҳаракат) ба сӯйи боло |
| **бомнова** | новдони бом (новадоне, ки тавассути он оби борони дар бом ҷамъшуда мерезад) |
| **бонгоҳ** | ҷойи нигоҳубин (парвариш, |

| | |
|---|---|
| | табобат) кардан; |
| **борбардошт** | қобилияти чӣ қадар боло бардоштани бор |
| **борикнайча** | найчаи борик |
| **борикнова** | новдони борик |
| **борикроҳ** | роҳи борик |
| **борикрӯда** | рӯдаи борик; дорои рӯдаи борик |
| **борикхат** | хатти борик |
| **боркард** | ба чизе бор кардани чизи дигар |
| **боровард** | бор овардан; ҳосил додан |
| **бороварӣ** | ниг.: **боровард** |
| **бороноба** | оби борон |
| **боронпош(ак)** | воситаи ба вуҷуд овардани борони сунъӣ |
| **боронфавра** | ниг.: **боронфағона** |
| **боронфаға** | ниг.: **боронфағона** |
| **боронфағона** | фағона (фаввора)-зании борон |
| **бофа** | маҳсулот (ашё) барои бофтан |
| **бофиш** | амали бофтан |
| **бофтамаҳсул** | маҳсул тавассути бофтан |
| **бофтапайваст** | бофта пайвастан |
| **бофтора** | тораи бофиш |
| **буғанбора** | воситаи ғун (ҷамъ) кардани буғ |
| **буғандуз** | воситаи андӯхт (ҷамъ) кардани буғ |
| **буғандухт** | захира (ҷамъ) кардани буғ |
| **буғболға** | болғаи буғӣ (бо буғ коркунанда) |
| **буғгардон(ак)** | воситаи ба буғ табдил додан |

| | |
|---|---|
| **буғгардонӣ** | ба буғ табдил ёфтан |
| **буғдиҳӣ** | буғ додан, буғдор кардан |
| **буғғундор** | воситаи ғун (ҷамъ) кардани буғ |
| **буғзудоӣ** | бартараф кардан (зудудан)-и буғ |
| **буғикушт** | буғӣ карда куштан |
| **буғоб** | оби буғшуда (бухоршуда) |
| **буғосиёб** | осиёби буғӣ (бухорӣ) |
| **буғпаз** | тавассути буғ пухташуда |
| **буғпухт** | ба воситаи буғ пухтан (пазондан) |
| **буғроҳа** | роҳ (хат)-и густариши буғ (бухор) |
| **буғтабдил** | ниг.: **буғгардонӣ** |
| **буғтабдилдех(ак)** | ниг.: **буғгардон(ак)** |
| **буғтавлид** | тавлид (ҳосил) шудани буғ (бухор) |
| **буғшуст** | ба воситаи буғ шустан |
| **булӯрбаст** | бо ҳам пайваст кардани чанд булӯр, кристаллизатсия |
| **булӯршиша** | шишаи аз булӯр сохташуда |
| **бунканд** | аз бун (бех, реша) баркандан |
| **буридагоҳ** | ҷойи буридашуда |
| **буровард** | буровардан, баровардан |
| **бурункард** | ниг.: **берункард** |
| **бурунлӯла** | лӯла (қубур)-и баровард (хориҷ шудан) (масалан, об, гармӣ ва ғайра) |
| **буруновард** | аз дарун ба берун баровардан; ҳувайдо кардан, намудор кардан |
| **бурунрафт** | ниг.: **берунрафт** |
| **бурунрехт** | ба берун (аз дарун) рехтан |

| | |
|---|---|
| **буруншор** | ба берун (аз дарун) шоридан |
| **бухоркард** | ба бухор (буғ) табдил додан |
| **бухормоя** | манбаи бухор (буғ) |
| **бухороб** | ниг.: **буғоб** |
| **бӯйзудоӣ** | ниг.: **бӯйравонӣ** |
| **бӯйравонӣ** | ниг.: **бӯйрониш** |
| **бӯйрониш** | равонидани бӯй (масалан, тавассути шамолдиҳӣ аз хона) |
| **бӯззамин** | замини бӯз (хамида, нишеб) |
| **бӯзмакон** | макони бӯз (хамида, нишеб) |
| **бӯронбарф** | барфи ҳамроҳ бо бӯрон |
| **бӯронабр** | абри бӯронӣ |
| **бӯғча** | як бастаи чизе(масалан, либос) |
| **бӯғчабандӣ** | бӯғча карда бастан |
| **бӯғчабаст** | ниг.: **бӯғчабандӣ** |
| **В** | |
| **ваз(з)а** | кашола; чизе, ки кашола оварда мешавад |
| **вазабандӣ** | бастани ваза (болои ҳам бастани чизҳо барои кашола карда бурдани онҳо) |
| **вазабурд** | ваза (кашола) карда бурдан |
| **вазаовард** | ваза (кашола) карда овардан |
| **вазапарто** | худро ваза (кашола) партоянда |
| **вазапартоӣ** | худро ваза (кашола) партофтан |
| **вазнкард** | вазн кардан, баркашидан |
| **вазнкоҳиш** | коҳиш ёфтани вазн, кам шудани вазн |
| **вазнкоҳ** | камкунандаи вазн |

| | |
|---|---|
| **вазнпартоӣ** | партофтан (кам кардан)-и вазн |
| **вазъдиҳӣ** | амали ба як ҳолат (вазъ) овардан |
| **вазъдонӣ** | омӯхта донистани вазъият |
| **вазъомӯзӣ** | омӯхта таҳқиқ кардани вазъият; иктишоф |
| **вандина** | ниг.: **бандина** |
| **варақапӯлод** | пӯлоди ба шакли варақа (тунука) тавассути қолаб рехташуда |
| **варақатило** | тилои ба шакли варақа (тунука) тавассути қолаб рехташуда |
| **варақафилиз** | филизи ба шакли варақа (тунука) тавассути қолаб рехташуда |
| **варамиш** | амали варам кардан |
| **варз(иш)ғӯла** | ғӯлаи варзишӣ |
| **васеъгардон(ак)** | абзори васеъ кардани фосилаи байни ду чиз |
| **васеъгардонӣ** | васеъ гардонидан |
| **васеъкард** | васеътар кардан, калонтар кардан, тавсиа додан |
| **васеъсоза(ак)** | ниг.: **васеъгардон(ак)** |
| **васла** | ҷойи васл шудани чанд чиз; воситаи васл кардани чанд чиз |
| **васлгардон(ак)** | абзори васл (пайваст) кардани чизе ба чизе |
| **васлгардонӣ** | амали васл (пайваст) кардани чизе ба чизе |
| **васлдеҳ (ак)** | ниг.: **васлгардон(ак)** |
| **васлдиҳӣ** | ниг.: **васлгардонӣ** |

| | |
|---|---|
| **васса** | порачӯби тарошу ҳамворкардашудае, ки зимни сохтани хона байни болорҳо чинанд |
| **вассачинӣ** | чиндани васса байни болорҳои хона |
| **ваҳмларз** | аз ваҳм ларзанда (масалан, бадан) |
| **ваҳмларза** | ларзиши бадан, ки аз ваҳм ба вуҷуд меояд |
| **ваҳмларзиш** | аз ваҳм ларзидани бадан |
| **во** | кушода, боз; аз нав, такроран; баръакс |
| **воафтиш** | боз афтодан |
| **воб** | як даста ё қабзаи чизе |
| **воббандӣ** | даста-даста бастан |
| **вобмонӣ** | даста-даста мондан |
| **вобонг** | бонги ҷавобӣ бар амале (рафторе) |
| **вогар** | каси бори нахуст ошкоркунанда (возкунанда, ҳувайдокунанда); кашшоф |
| **вогардиш** | гардиши баръакс |
| **вогашт** | бозгашт, гашти баръакс |
| **вогир** | аз нав гиранда; аз нав дармонанда (гиршаванда); сирояткунанда, гузаранда |
| **вогирӣ** | аз нав гирифтан (доштан); аз нав дармондан (гир шудан); сироятӣ |
| **вогуфт** | ошкоро гуфтан |
| **воғор** | ғори боз |
| **водид** | аз нав дидан |
| **водиҳиш** | боз додан |

| | |
|---|---|
| **водод** | ниг.: **водиҳиш** |
| **вожа** | калима; калимаи махсус, ё калимае дар вазифаи махсус, ки барои баён кардани номи чиз ё мафҳумҳои алоқаманд ба соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсон (илм, адабиёт, техника, таб, иқтисодиёт, саноат ва ғайра) истифода мешавад; **истилоҳ** |
| **вожагон** | маҷмӯи вожаҳо; истилоҳот; ниг.: **вожа** |
| **возеҳбаёнӣ** | возеҳ (дақиқ) баён кардан |
| **воистифода** | аз нав (такроран) истифодаи кардан |
| **воёфт** | аз нав дарёфт кардан; бозёфт; захира, посира |
| **воёфта** | аз нав ёфташуда; бозёфтшуда; захирашуда (масалан, анвои хӯрданӣ) |
| **вокард** | ҳувайдо намудан, боз кардан, ошкор намудан, кашф намудан |
| **вокарда** | ҳувайдо кардашуда, боз кардашуда, ошкор кардашуда, кашф кардашуда |
| **вокушо** | ниг.: **вогар, бозкушо** |
| **вокушоӣ** | ниг.: **вокард, бозкушоӣ** |
| **вонасб** | насби такрорӣ, аз нав насб кардан; кушода аз нав насб кардан |
| **вонидо** | нидои ҷавобӣ бар амале (рафторе) |
| **вонишаст** | аз нав нишаст кардан |

| | |
|---|---|
| **воомад** | гашта омадан |
| **вопазир** | аз нав пазиранда (қабулкунанда) |
| **вопазирӣ** | аз нав пазируфтан (қабул кардан) |
| **вопайваст** | аз нав пайваст шудан (ба ҳам омадан) |
| **вораванд** | раванди баръакс |
| **ворасٞт** | ниг.: **ворахоӣ** |
| **ворафт** | гашта рафтан |
| **ворахоӣ** | рахоӣ ёфтан |
| **ворӯ(й)** | рӯйи боз |
| **ворӯя** | рӯяи боз |
| **восадо** | садои ҷавобӣ бар амале (рафторе), пижвок |
| **вот(а)** | атрофи қитъаи замини киштбоб |
| **вотоба** | пасобе, ки аз вот, яъне аз атрофи қитъаи замини киштбоб баъди обёрӣ ҷорӣ мешавад |
| **воҷабидан** | аз нав ҷабида шудан |
| **воҷабиш** | амали такроран ба худ ҷабидан |
| **вошоридан** | аз нав шоридан |
| **вошориш** | шориши баръакс |
| **вошуд** | боз шудан, во (кушода) шудан |
| **вошуда** | бозшуда, кашфшуда, ошкоршуда |
| **вусъатдиҳӣ** | вусъат додан, васеъ кардан |

# Г

| | |
|---|---|
| **гавакомад** | гавида (хазида) омадан |
| **гавакрафт** | гавида (хазида) рафтан |
| **гандоба** | оби гандида; заҳоб |
| **гандумпаға** | паға (каҳ, коҳ)-и гандум |
| **гардина** | гардандаҳо (мор ва дигар навъи ҳайвоноти гарданда) |
| **гардона** | воситаи гардонанда (гардишдиҳанда) |
| **гардониш** | гардонидан, табдил додан, мубаддал кардан; |
| **гардонкӯра** | кӯраи гардон (чархзананда) |
| **гармбод** | боди гарм |
| **гармдору** | доруи баданро гармкунанда |
| **гармиандӯзӣ** | ниг.: **гармиғун(д)ой** |
| **гармиафзой** | зиёд кардани гармӣ |
| **гармибон** | воситаи нигоҳ доштани гармӣ |
| **гармибонӣ** | амали нигоҳ доштани гармӣ |
| **гармиғун(д)ой** | ғунд (захира) шудани гармӣ |
| **гармизудо** | зудудандаи гармӣ |
| **гармизудой** | бартараф кардан (зудудан)-и гармӣ |
| **гармиофар** | бавуҷудоварандаи гармӣ |
| **гармиофарӣ** | амали ба вуҷуд овардани гармӣ |
| **гармирасон(ак)** | воситаи ба ҷойи зарурӣ бурда расонидани гармӣ |
| **гармирасонӣ** | таъмини гармӣ |
| **гармиҳассос** | нисбат ба гармӣ ҳассос будан |
| **гармиҳассосӣ(ят)** | нисбат ба гармӣ ҳассосият доштан |
| **гармомоя** | моя (манбаъ)-и гармӣ |

| | |
|---|---|
| **гармонеру** | неруи гармоӣ (неру, яъне, энергияе, ки аз ҳисоби гармӣ ба даст оварда мешавад) |
| **гаҳбод** | боди гаҳ-гаҳ вазанда |
| **гаҳбориш** | гаҳ-гаҳ боридан |
| **гаҳзаҳиш** | гаҳ-гаҳ заҳида баромадан |
| **гаҳларз** | гаҳ-гаҳ ларзанда |
| **гаҳларзиш** | гаҳ-гаҳ ларзидан |
| **гаҳпайдо** | гаҳ-гаҳ пайдошаванда |
| **гаҳтоб** | гаҳ-гаҳ тобанда |
| **гаҳфавра** | гаҳ-гаҳ фавворазананда |
| **гаҳчунбо** | гаҳ-гаҳ чунбанда |
| **гач** | маводи сохтмонӣ |
| **гачтахта** | тахтае, ки аз гач сохта шудааст |
| **гаштасадо** | садои баргашта |
| **гаштомад** | гашта омадан |
| **гаштсадо** | садои баргарданда (баргаштпазир) |
| **гилкон** | кони гил |
| **гирдазамин** | замини гирд (доирашакл) |
| **гирданон** | нони гирда (доирашакл) |
| **гирдгард** | ба таври гирд гарданда (ҳаракаткунанда) |
| **гирдгардак** | чизе, ки ба таври гирд ҳаракат мекунад |
| **гирдгардиш** | ба таври гирд гардиш кардан |
| **гирдгардон(ак)** | воситаи гирд гардонанда |
| **гирдгардониш** | гирд гардонидан |
| **гирдгашт** | дар гирди чизе ҳаракат кардан |
| **гирддав** | гирдогирд даванда |
| **гирддавиш** | гирдогирд давидан |

| | |
|---|---|
| **гирдоваранда** | ҷамъкунанда |
| **гирдтозӣ** | ниг.: **гирдтохт** |
| **гирдтохт** | гирдогирд тохтан |
| **гиршуд** | дар мондан (гир шудан) дар чизе |
| **гоҳбод** | ниг.: **гаҳбод** |
| **гоҳбориш** | ниг.: **гаҳбориш** |
| **гоҳзаҳиш** | ниг.: **гаҳзаҳиш** |
| **гоҳларзиш** | ниг.: **гаҳларзиш** |
| **гоҳпайдо** | ниг.: **гаҳпайдо** |
| **гоҳтоб** | ниг.:**гаҳтоб** |
| **гоҳтобанда** | гоҳ-гоҳ тобанда |
| **гоҳтобиш** | ниг.: **гаҳтобиш** |
| **гоҳфавра** | ниг.: **гаҳфавра** |
| **гоҳҷунбанда** | ниг.: **гаҳҷунбанда** |
| **гоҳҷунбо** | ниг.: **гаҳҷунбо** |
| **гудозбоб** | гудохташаванда, гудохтпазир |
| **гудозкӯра** | кӯрае, ки барои гудохтан истифода мешавад |
| **гудозмаъдан** | маъдани гудохташаванда (гудозбоб) |
| **гудозониш** | ба ҳолати гудохта овардан |
| **гудозпазир** | ниг.: **гудохтпазир** |
| **гудозпазирӣ** | ниг.: **гудохтпазир** |
| **гудохтамаъдан** | маъдане, ки дар натиҷаи гудохтан ҳосил шудааст |
| **гудохтанамак** | намаки гудохташуда |
| **гудохтаоҳан** | оҳани гудохта |
| **гудохтаҳолат** | ҳолати гудохта |
| **гудохтафилиз** | филизи гудохта |
| **гудохтпазир** | гудохташаванда |
| **гудохтпазирӣ** | ба гудохтан тоқатпазир будан, гудохташаванда |

| | |
|---|---|
| | будан |
| **гузаштарафт** | аз ҷое гузашта рафтан |
| **гузошт** | амали гузоштан |
| **гулқолаб** | қолаби гулпартоӣ (нақшпартоӣ) |
| **гунда** | ниг.: **ғунда** |
| **гундидан** | ғунҷидан |
| **гурезроҳ** | роҳи гурез, роҳи наҷот |
| **гурмгирӣ** | бартараф кардани гурм (чашмак)-ҳои чӯб (тахта) |
| **гурмтарошӣ** | тарошида партофтани гурм (чашмак)-ҳои чӯб (тахта) |
| **гурсафт(иш)** | якбора (гурсӣ) афтодан |
| **гурсғалт(иш)** | якбора (гурсӣ) ғалтидан |
| **густара** | густаришдиҳанда; густаришёфта; паҳнкунанда; воситаи густаришдиҳӣ |
| **густаришёбандагӣ** | хусусияти густариш (паҳншавӣ) доштан |
| **Ғ** | |
| **ғаваксанг** | санги ғавакдор (чашмакдор, сӯрохдор, масомадор) |
| **ғавакчӯб** | чӯби ғав (дарунхолӣ) |
| **ғавбандӣ** | аз ғавакчӯб (чӯби дарунхолӣ, масалан, най) бастани девора (садд, тавора, иҳота) |
| **ғавпартоӣ** | ғав партофтан, садд гузоштан, девора бастан |
| **ғавра** | чоҳ ё ғори дарози амудӣ; ковокии дарози амудӣ дар баъзе иншоот (масалан, ғавраи лифт, ғавраи |

| | |
|---|---|
| | турбина); кони амудӣ ё моиле ба шакли ғор, ки як даромад дорад |
| **ғавркӯл** | кӯли ғавр (жарф) |
| **ғаврнигар** | воситаи мушоҳида кардани ғавр (жарфо, умқ)-и оби баҳр |
| **ғаврсанҷ** | воситаи андозагирии ғавр (жарфо, умқ) |
| **ғайдмева** | меваи дарахти пайвандӣ |
| **ғаланг** | кушод, боз, васеъ |
| **ғалангӣ** | ҷойи кушоду васеъ |
| **ғализа** | моддае (маводде), ки шакли ғализ дорад |
| **ғализгардон(ак)** | асбоби ба ҳолати ғализӣ овардан |
| **ғализгардонӣ** | амали ба ҳолати ғализӣ овардан |
| **ғализӣ** | дараҷаи ғализ будан |
| **ғализмодда** | моддаи ғализ (часпак) |
| **ғалт** | афтодан |
| **ғалтиш** | ғалтидан; афтидан |
| **ғалтона** | ғалтонанда |
| **ғанoя** | воситаи ғанигардонӣ, ғанигардонанда |
| **ғарамбор** | бори ғарамкардашуда |
| **ғарббод** | боди ғарбӣ, боди аз тарафи ғарб ваанда |
| **ғафсдевор** | девори ғафс |
| **ғафсқабат** | қабати ғафс |
| **ғафспоя** | дорои пояи ғафс (масалан, зироат) |
| **ғафспӯша** | пӯшаи ғафс |
| **ғела** | чизи тӯбшакл (доирашакл) |

| | |
|---|---|
| **ғелак** | чизи ғеланда |
| **ғелабаст** | ба шакли ғела (тӯб, доира) бастан |
| **ғелабурд** | ғелонда-ғелонда бурдан |
| **ғелакард** | ба шакли ғела (тӯб) даровардан |
| **ғеларафт** | ғелида-ғелида рафтан |
| **ғеласанг** | санги ғелпазир |
| **ғелахӯрд** | ғел хӯрдан, ғечидан |
| **ғелачиз** | чизи ғеланда |
| **ғелачӯб** | чӯби ғелпазир |
| **ғелзанӣ** | ғел задан |
| **ғеломад** | ғелида- ғелида омадан |
| **ғелона** | ғелонанда; воситаи ба ғелиш оваранда |
| **ғелониш** | ба ғелиш овардан |
| **ғелхӯрд** | ғелидан |
| **ғеча(к)** | ғечанда |
| **ғечабурд** | ғечонда-ғечонда бурдан |
| **ғечағӯла** | ғӯла барои ғечонда бурдани чизҳои вазнин |
| **ғечаовард** | ғечонда-ғечонда овардан |
| **ғечаомад** | ғечида-ғечида омадан |
| **ғечарафт** | ғечида-ғечида рафтан |
| **ғечона** | ғечонанда; воситаи ба ғечиш оваранда |
| **ғизодеҳ(ак)** | манбаи ғизогирӣ (ғизодиҳӣ, тағзия) |
| **ғизомоя** | ниг.: **ғизодеҳ(ак** |
| **ғизоя** | хӯрданӣ |
| **ғичима** | ғичимкардашуда; поймолкардашуда; зеркардашуда; фишурдашуда |

| | |
|---|---|
| **ғичимкард** | ғичим кардан; поймол намудан; зери по кардан; фишурдан |
| **ғичимшуст** | ғичим карда шустан |
| **ғоздорӣ** | хусусияти ғозидан (ёзидан) доштан |
| **ғола** | хурд; майда |
| **ғоласанг** | санги хурд; санги майда |
| **ғояасос** | ба ғоя асос ёфтан |
| **ғоягузор** | шахсе, ки ғояи нав пешниҳод мекунад |
| **ғоясоз** | шахсе, ки ғояи нав ба вуҷуд меорад |
| **ғуборгирӣ** | ғубор гирифтан |
| **ғуборзудоӣ** | зудудани ғубор, дур кардани ғубор |
| **ғулғулаандоз** | ғулғулаандозанда |
| **ғулғулаандозӣ** | ғулғула андохтан |
| **ғунда** | ғундида, ҷамъшуда: кулӯла |
| **ғундасанг** | санги ғундашакл (кулӯла) |
| **ғундасон** | ба сон (монанд)-и ғунда |
| **ғундачиз** | чизи ғундашакл |
| **ғундачӯб** | чӯби ғундашакл (кулӯла), ғӯлачӯб |
| **ғундашакл** | ба шакли ғунда |
| **ғундвора** | чизи ғундашакл |
| **ғундидан** | |
| **ғундиш** | ғундидан, ҷамъ шудан |
| **ғундоварӣ** | ғун кардан, захира намудан (масалан, неру, гармӣ ва ғайра) |
| **ғундо(й)ӣ** | дар як ҷо ғун (ҷамъ) шудан |
| **ғундошт** | ғун кардан, захира намудан |
| **ғуноиш** | ғун шудан, захира шудан |

| | |
|---|---|
| | (масалан, неру, гармӣ ва ғайра) |
| **ғуноя** | воситаи ғунду захира кардан; ғункунанда, захиракунанда |
| **ғурришкард** | ғурриш кардан, ба ғурриш омадан |
| **ғурбод** | боди ғурришнок |
| **ғуркард** | ғурридан, ғур (ғурриш) кардан |
| **ғуровоз** | овози ғурришнок; овози дорои ғурриш |
| **ғурсадо** | садои ғурришнок; садои дорои ғурриш |
| **ғурубкард** | ғуруб кардан (масалан, Офтоб) |
| **ғурӯшабандӣ** | ғурӯша бастан |
| **ғурӯшагардонак** | абзори ба ғурӯша табдил додан |
| **ғурӯшагардонӣ** | ба ғурӯша табдил додан |
| **ғурӯшасозӣ** | ба шакли ғурӯша овардан |
| **ғут** | санги тӯбшакл, тӯбсанг |
| **ғутсанг** | санги ғут (тубшакл) |
| **ғӯлакбур** | ғӯлак-ғӯлак буридашуда |
| **ғӯлакбурӣ** | ғӯлак-ғӯлак буридан |
| **ғӯлакчӯб** | чӯби ғӯлак буридашуда |
| **ғӯласанг** | санги ғӯлашакл |
| **ғӯласутун** | сутуни ғӯлашакл |
| **ғӯлафарш** | фарши аз ғӯлачӯб сохташуда |
| **ғӯлачарх** | чархе, ки шакли ғӯла дорад; чархе, ки аз ғӯла сохта шудааст |
| **ғӯтидан** | ба чизе фурӯ рафтан |
| **ғӯтиш** | ғӯтидан (масалан, дар об, лой, ботлоқ); ғӯтавар шудан |

| Д | |
|---|---|
| **давгузар** | давида (тохта) аз ҷое ба ҷое гузаранда |
| **давгузашт** | давида (тохта) гузаштан |
| **давомад** | давида (тохта) омадан |
| **давогиёҳ** | гиёҳи давоӣ (шифобахш) |
| **давогил** | ниг.: **даволой** |
| **даводору** | доруи давоӣ |
| **даволой** | лойи давобахш (табобатӣ) |
| **давокор** | табиб, пизишк |
| **давомарҳам** | марҳами давоӣ (шифобахш, табобатӣ) |
| **давооб** | оби давоӣ (табобатӣ) |
| **давочашма** | чашмаи давобахш (шифобахш) |
| **давпар** | давида паридан |
| **давпариш** | давида ба парвоз омадан |
| **даврафт** | давида (тохта) рафтан |
| **давргардиш** | ба шакли давра такрор ба такрор гардиш кардан |
| **дағалбофӣ** | дағал (дурушт) бофтан |
| **дағалбофт** | дағал (дурушт) бофташуда |
| **дағзамин** | замини нокорам (корамнашуда) |
| **даккадиҳӣ** | монеъ шудан, халал расонидан |
| **даккахӯрд** | дакка хӯрдан, такон дидан |
| **дамабод** | боди сарди бо шаст вазанда |
| **дамазад** | хунук задан |
| **дамакард** | дама кардан |
| **дамаомад** | сардӣ омадан |
| **дамдиҳӣ** | дам додан, нафас додан; |

| | |
|---|---|
| | буғдиҳӣ |
| **дамдод** | бо дам пур кардани даруни чизе |
| **дамидаоб** | оби дамида (баландшуда) |
| **дамидамавҷ** | мавҷи дамида (баландшуда) |
| **дамидарехт** | дамида рехтан (масалан, шир) |
| **дамишдорӣ** | хусусияти дамидан доштан |
| **дамкард** | ниг.: **дамдод** |
| **дамонабр** | абри дамон (абри ғурранда) |
| **дамонбаҳр** | баҳри дамон (пуртуғён) |
| **дамонбод** | боди дамон (туғёнкунанда) |
| **дамонсел** | сели дамон (пуртуғён) |
| **дампухт** | дам (буғ) дода пухтан |
| **дамҳаво** | ҳавои дам (гарму бешамол) |
| **дандғизо** | ғизои данд (дандонбар) |
| **дандмаза** | дорои мазаи данд (турш) |
| **дандмева** | меваи данд (турш) |
| **дандонапайваст** | дандона ба дандона пайваст кардан |
| **дандоначарх** | чархи дандонадор |
| **дандонканд** | бо дандон кандан; кандани дандон |
| **даравайём** | айём (мавсим)-и дарав |
| **даракёфт** | дарак (хабар) ёфтан |
| **дарафтиш** | дарафтодан, ҳамла кардан |
| **дардина** | воситаи дардоварӣ |
| **дардиҳӣ** | даргиронӣ, дар (оташ) додан (масалан, гугирдчӯбро) |
| **дардёбӣ** | ниг.: **дардкашӣ** |
| **дардзудо** | воситаи таскини дард |
| **дардзудоӣ** | зудудан (бартараф кардан)-и дард |
| **даридағор** | ғори дарида (чокшуда, |

| | |
|---|---|
| | тарқишдор) |
| **даридакон** | кони дарида (чокшуда, тарқишдор) |
| **даридакӯҳ** | кӯҳи дарида (чокшуда, тарқишдор) |
| **даридасанг** | санги дарида (чокшуда, тарқишдор) |
| **даридашах** | шахи дарида (чокшуда, тарқишдор) |
| **даридашеб** | шеби дарида (чокшуда, тарқишдор) |
| **дариш** | даридан, чок шудан; кафидан |
| **даркашиш** | амали ба дарун кашидани чизе, масалан об, ҳаво ва ғайра |
| **дарккард** | дарк кардан, фаҳмидан, эҳсос намудан |
| **дармона** | воситаи дармонбахшӣ |
| **дармонд** | дар мондан, гир шудан, илоҷ наёфтан |
| **дармонёбӣ** | дармон ёфтан, сиҳҳат шудан |
| **дармонёфт** | дармон ёфтан, сиҳҳат шудан |
| **дарогузашт** | ба ҷое даромада, аз он ҷо гузашта рафтан |
| **дарозкӯҳ** | кӯҳи дароз |
| **дарознова** | новдони дароз |
| **дарозроҳ** | роҳи дароз |
| **дарозҷумла** | ҷумлаи дароз |
| **даромезиш** | ба ҳам омехта шудан |
| **даррабоиш** | даррабудан, рабуда (кашида) гирифтан |
| **дартукиш** | бо ангушти даст тукидан (кӯфтан)-и дар |

| | |
|---|---|
| **дарунандохт** | ба даруни чизе андохтани чизе |
| **дарунбофт** | ба дарун гузаронида бофтан |
| **дарунбин** | асбоби муойина даруни бадан |
| **дарунбинӣ** | муойинаи даруни бадан |
| **дарунбурд** | ба дарун бурдан |
| **дарунгирист** | дарун-дарун гиристан |
| **ларунгирӣ** | ба дарун гирифтани чизе |
| **дарунгузашт** | ба дарун гузаштан |
| **дарундевора** | девораи дарунӣ |
| **дарундид** | дидан (муойина)-и даруни чизе |
| **дарундод** | ба дарун додан |
| **дарункашӣ** | ба дарун кашидан (фурӯ бурдан) |
| **дарункофт** | кофта сӯрох кардани даруни чизе |
| **дарункӯфт** | ба даруни чизе кӯфтани чизи дигар (масалан, мех ба чӯб) |
| **дарунқабат** | қабати дарунӣ |
| **даруннамуд** | намуди дарунӣ |
| **даруннамо** | воситаи намоён кардани даруни чизе |
| **даруннамоӣ** | намоён кардани даруни чизе |
| **даруннасб** | аз дарун насбкардашуда |
| **дарунпартофт** | ба даруни чизе партофтани чизе |
| **дарунрафт** | ба дарун рафтан |
| **дарунрехт** | ба даруни чизе рехтани чизе |
| **дарунсимо** | симои дарунӣ |
| **дарунсоиш** | соиши дарунӣ (дохилӣ) |
| **дарунсуда** | аз дарун суда (хӯрда)шуда |
| **дарунташхис** | ташхиси даруни чизе |

| | |
|---|---|
| **дарунхало** | дарунхолӣ |
| **дарунхамонӣ** | ба дарун хамондан (хам кардан) |
| **дарунхӯрда** | аз дарун хӯрдашуда (судашуда) |
| **даруншикаст** | аз дарун шикаста шудан |
| **даруншикаста** | аз дарун шикасташуда |
| **дарунчаспонӣ** | аз (ба) дарун часпонидан |
| **даруншор** | ба дарун шоранда |
| **дарҳамиш** | ба даруни якдигар кашида шудан |
| **дастабзор** | абзори дастӣ |
| **дастболға** | болғаи дастӣ |
| **дастдарав** | дарави дастӣ |
| **дастдос** | доси дастӣ |
| **дастдарав** | дарави дастӣ |
| **дастдос** | доси дастӣ |
| **дастибаст** | тавассути даст басташуда |
| **дастисоз** | бо даст сохташуда |
| **дастикофт** | бо даст кофташуда (ҷойеро) |
| **дастикӯфт** | бо даст кӯфташуда (кӯбидашуда) |
| **дастос** | бо даст ос (майда, реза) кардашуда |
| **дастреза** | бо даст реза шуда |
| **дасттеша** | тешаи дастӣ |
| **дастхарид** | аз даст харидан |
| **даҳоназанӣ** | бо даҳона (сарпӯш) муҳкам кардан (масалан, зарфеþо) |
| **дашғола** | молу колои партофтбоб |
| **дашғолкутӣ** | кутии дашғолпартоӣ |
| **даштбод** | боди аз сӯйи дашт вазанда |
| **деворбандӣ** | бо девор бастани атрофи боғ, хона ва монанди инҳо |

| | |
|---|---|
| **деворгирӣ** | девор гирифтани атрофи боғ, хона ва монанди инҳо |
| **деворкашӣ** | бо девор ҷудо кардан, масалан, атрофи қитъаи заминро |
| **дерҷунбо** | дерҷунбанда, дерҳаракаткунанда |
| **дигаргуна** | гунаи дигар; шакл (тарҳ)-и дигар |
| **дигаргунагӣ** | гуна (шакл, тарҳ)-и дигар доштан |
| **дикомад** | дика-дика (бо қадамҳои калон ва тез) омадан |
| **дикрав** | дика-дика (бо қадамҳои калон ва тез) раванда |
| **дикрафт** | дика-дика (бо қадамҳои калон ва тез) рафтан |
| **диҳиш** | додан |
| **дод** | ниг.: **диҳиш** |
| **доираарра** | арраи доирашакл |
| **доирабуриш** | буриши доирашакл |
| **доирагашт** | аз рӯйи доира ҳаракат кардан |
| **доирапӯлод** | пӯлоди доирашакл |
| **доирафилиз** | филизи доирашакл |
| **домхалта** | халтаи ба дом андохтан |
| **домшикор** | шикор ба воситаи дом |
| **донабайъ** | дона-дона фурӯхтан |
| **донабарф** | барфи дона-дона |
| **донакмева** | меваи донакдор |
| **донишасос** | ба илму дониш асосёфта |
| **донишбунёд** | ниг.: **донишасос** |
| **донишвожа** | вожа, калимаи махсусе, ки номи мафҳумҳои илмӣ ва |

| | |
|---|---|
| | илмию техникиро ифода мекунад; истилоҳ |
| **донишвожагон** | вожагон, яъне. калимаҳо ва иборaҳои махсусе, ки номи мафҳумҳои илмӣ ва илмию техникиро ифода мекунанд; истилоҳот |
| **донишгирд** | ниг.: **донишканд** |
| **доништалаб** | ба илму дониш талабот доштан |
| **доништалабӣ** | хусусияти ба илму дониш талабот доштан |
| **донишканд** | шаҳри махсусе, ки дар он танҳо олимон (донишмандон) кору фаъолият ва зиндагӣ мекунанд; *наукоград* |
| **дош** | кӯра, хумдон |
| **дошгудоз** | дар дош (кӯра, хумдон) гудохташуда |
| **дошгудохт** | дар дош (кӯра, хумдон) гудохтан |
| **дошпаз** | дар дош (кӯра, хумдон) пазондашуда (масалан, оҳак, хишт, сафол ва ғайра) |
| **дошпухт** | дар дош (кӯра, хумдон) пазонидан (масалан, оҳак, хишт, сафол ва ғайра) |
| **дошт** | тоқат |
| **доштдиҳӣ** | дошт додан, тоқатпазир будан |
| **доштдод** | ниг.: **доштдиҳӣ** |
| **дугуна** | ду сохт ва ё ду шакл доштан |
| **дугунагӣ** | хусусияти ду сохт ва ё ду |

| | |
|---|---|
| | шакл доштан |
| **дудкашӣ** | дуд кашидан (масалан, дар вақти сӯхтани ҳезуми тар) |
| **дудпеча** | печаи дуд |
| **дудсӯхт** | дуд карда сӯхтан, кӯрдуд сӯхтан |
| **дудфавра** | ниг.: **дудфағона** |
| **дудфағона** | фағона (фаввора)-и дуд |
| **дузарб** | ду бор зарб задан |
| **дукрес** | ба воситаи дук ресидашуда (масалан, ришта) |
| **дукресиш** | ба воситаи дук ресидан |
| **дуксон** | ба сон (монанд)-и дук |
| **дукчӯб** | чӯби дукбоб (дуксозӣ) |
| **думликконӣ** | думро ликонидан (ҷунбонидан) |
| **дунболакаш** | воситаи аз дунболи худ кашида бурдани чизе |
| **дунболдавиш** | аз дунбол давидан |
| **дунг** | барҷаста, баланд |
| **дунгзамин** | замини дунг (барҷаста) |
| **дунгӣ** | барҷастагӣ, баландӣ |
| **дунгмавзеъ** | мавзеи дунг (барҷаста) |
| **дурангӣ** | дурӯягӣ |
| **дурандоз** | ниг.: **дурандохт** |
| **дурандохт** | дур андохтан, дур партофтан; аз худ дур кардан |
| **дурдамаҳсул** | маҳсули дурда (таҳнишаст) |
| **дурдеҳа** | деҳаи дур |
| **дурӣ** | дур будан; дар масофае қарор доштан |
| **дурмаҳал** | маҳалли дур (дар масофаи дур ҷойгиршуда) |

| | |
|---|---|
| **дуррафт** | масофаи чӣ қадар дур рафтан |
| **дуррсӯфт** | дурр (алмос) сӯфтан (сӯрох кардан) |
| **дурӯғин** | дурӯғомез, норост, дуруст набудан |
| **дурӯғомез** | дурӯғин, норост, нодурустӣ |
| **дурӯғпоя** | поя (асос)-и дурӯғдошта |
| **дутақсим** | ба ду ҳисса тақсим кардан |
| **дучандафзоӣ** | ду баробар зиёд кардан |
| **дучоромад** | дучор омадан, рӯ ба рӯ задан |
| **душворбаро** | ҷое, ки ба он баромадан душвор аст |
| **душворгудоз** | ба душворӣ гудохташаванда (масалан, филиз) |
| **душворғел** | ба душворӣ ғеланда (масалан, чӯб) |
| **душвордид** | ба душворӣ дидашаванда |
| **душворёфт** | ба душворӣ ёфтшаванда |
| **душворпайдо** | ба душворӣ пайдошаванда |
| **душворпаймо** | ба душворӣ паймудашаванда (масалан, роҳ) |
| **душворрав** | роҳе, ки ба он рафтан душвор аст |
| **душворфаро** | ҷое, ки аз он фуромадан душвор аст |
| **Ё** | |
| **ёзандагӣ** | хусусияти ёзидан доштан |
| **ёздорӣ** | ниг.: **ёзандагӣ** |
| **ёзишдиҳӣ** | ёзиш додан, кашида ёзондан |
| **ёнақитъа** | қитъаи ёна (нишеб ё ҷудогона) |

| | |
|---|---|
| **ёназамин** | замини ёна (нишеб ё чудогона) |
| **ёнамавзеъ** | мавзеи ёна (нишеб ё чудогона) |
| **ёнароҳ** | роҳи ёна (нишеб ё чудогона) |
| **ёра(к)** | хамроҳ; ҳамроҳикунанда; ҳамроҳраванда; ҳамроҳшаванда; чӯра |
| **ёрагап** | ҳамгап, ҳамсуҳбат |
| **ёро** | нотарс, часур |
| **ёромард** | марди ёро (нотарс,часур) |
| **ёру** | почаи полизиҳо (масалан, ёруи каду, харбуза ва ғайра) |
| **Ж** | |
| **жарфғор** | ғори жарф (амиқ) |
| **жарфдарё** | дарёи жарфоб (амиқоб) |
| **жарфкон** | кони жарф (амиқ) |
| **жарфкӯл** | кӯли жарфоб (амиқроб) |
| **жарфмаънӣ** | маънии жарф (амиқ) |
| **жарфнигар** | василаи мушоҳидаи жарфо (қаър)-и баҳр; амиқнигар |
| **жарфо** | умқ (чуқурӣ) ё ғори дарози амудӣ; ковокии дарози амудӣ дар баъзе иншоот (масалан, жарфои лифт, жарфои турбина); кони амудӣ ё моиле ба шакли ғор, ки як даромад дорад. |
| **жарфогустара** | ба жарфо густаришёфта |
| **жарфогустариш** | ба жарфо густариш ёфтан (паҳн шудан) |
| **жарфсанч** | василаи санчиши жарфо (умқ, чуқурӣ) |

| | |
|---|---|
| **жарфчоҳ** | чоҳи жарф (амиқ) |
| **жолаабр** | абри борандаи жола |
| **жолабориш** | боридани жола |
| **жоладона** | донаи жола |
| **З** | |
| **забарзада** | задаи забаррав (болорав) *(дар забоншиносӣ)* |
| **зағорзамин** | замини зағор (сернам) |
| **заминнова** | новдони қитъаи замин (новадоне, ки тавассути он ба қитъаи замин об ворид мешавад ва ё пасоби қитъаи замин аз он берун меравад) |
| **замкард** | зам (илова, ҷамъ) кардан |
| **замукам** | гоҳе зам, гоҳе кам |
| **замукамкард** | дар як вақт заму кам кардан |
| **занҷирачарх** | чархи занҷирӣ |
| **занҷирбаст** | ба ҳамдигар ба воситаи занҷир бастан (пайваст кардан) |
| **зарбагир(ак)** | воситаи аз зарбгирӣ раҳоӣ бахшидан |
| **зарбазудо** | ниг.: **зарбараҳо, зарбагир(ак)** |
| **зарбараҳо** | ниг.: **зарбазудо, зарбагир(ак)** |
| **зарбахӯрд** | аз чизе зарба хӯрдан |
| **зардфом** | зардранг, зардтоб |
| **заркон** | кони зар (тило) |
| **заркӯҳ** | кӯҳи серзар (сертило), кӯҳи тилоранг |
| **заррабарф** | барфи зарра-зарра |
| **зарринкӯҳ** | кӯҳи заррин (тилоранг) |
| **зарринхок** | хоки заррин (тилоранг) |

| | |
|---|---|
| **захирадорӣ** | ба захира нигоҳ доштан |
| **захирамавод** | маводди захирашуда (захира) |
| **заҳкашӣ** | заҳ (нам) кашидан |
| **заҳоб** | оби заҳида (таровида) бароянда |
| **заҳрзудо** | воситаи зудудан (безарар кардан)-и заҳр |
| **заҳрзудоӣ** | рафъи моддаҳои заҳрнок |
| **заҳркушт** | заҳр дода куштан (нобуд кардан) |
| **зергузар** | роҳи кӯтоҳи зеризаминӣ |
| **зергузора** | ба зери чизе гузошташаванда |
| **зергузорӣ** | ба зер гузоштан |
| **зергузошт** | ниг.: **зергузорӣ** |
| **зерғалт** | ба зер ғалтидан |
| **зерғелиш** | ба зер ғелида рафтан |
| **зерғӯла** | ғӯлаи ба зери чизе гузоштташаванда (масалан, барои ғелонда бурдан) |
| **зерзада** | задаи зерраві (поинрав) *(дар забоншиносӣ)* |
| **зерканд** | кандани зери чизе; аз зер кандан |
| **зеркаф** | аз зер (таг) кафида |
| **зеркафид** | аз зер (таг) кафидан |
| **зеркофт** | кофтани зери чизе; аз зер кофтан (ковок кардан) |
| **зеркунда** | кундае, ки дар болои он чизе шикаста ё кафонда мешавад |
| **зернамо** | абзори намудоркунандаи зери оби дарё, баҳр ва ғайра |

| | |
|---|---|
| **зероб** | оби зер (поин)-и дарё |
| **зеррафт** | ба зер рафтан |
| **зеррехт** | ба зер (поён) рехтан; аз зер (таг) рехтан |
| **зерхӯрд** | зер хӯрдан, зери чизе мондан |
| **зершикаст** | аз зер (таг) шикастан |
| **зиёдаборӣ** | аз ҳад зиёд гирифтани бор |
| **зиёдагармӣ** | аз ҳад зиёд гарм шудан |
| **зиёдасардӣ** | аз ҳад зиёд сард шудан |
| **зиёдшуд** | афзун гардидан |
| **зилзиламавҷ** | мавҷе, ки пас аз зилзила пайдо мешавад |
| **зилзиламакон** | макон (мавзеъ, маҳал)-и зилзилахез |
| **зилзиламарказ** | маркази бавуҷудоии зилзила |
| **зилзиламоя** | мояи зилзила, манбаи зилзила |
| **зилзиланеру** | неру (энергия)-и зилзила |
| **зилзилахурӯш** | хурӯши зилзила |
| **зилзилашуоъ** | шуоъе, ки пас аз зилзила пайдо мешавад |
| **зим** | сард, хунук |
| **зимбод** | боди сард (хунук) |
| **зимоб** | оби сард (хунук) |
| **зимрӯд** | рӯди обаш сард |
| **зимҳаво** | ҳавои сард (хунук) |
| **зинабардошт** | зина-зина бардоштан (масалан, бино) |
| **зироатпаға** | паға (каҳ, коҳ)-и зироат (гандум, ҷав, пахта ва ғайра) |
| **зоҳирнамо** | зоҳиркунанда |
| **зоҳирнамуд** | намуди зоҳирӣ |
| **зудгард** | чизе, ки зуд (тез) меравад (ҳаракат мекунад) |

| | |
|---|---|
| **зудгардӣ** | ниг.: **зудгашт** |
| **зудгашт** | зуд гаштан (ҳаракат кардан) |
| **зудгузар** | зуд (тез) гузаранда |
| **зудгузашт** | зуд (тез) гузаштан |
| **зудгуфтор** | он ки зуд-зуд гап мезанад |
| **зудомад** | зуд (тез) омадан |
| **зуднавохт** | зуд навохтан |
| **зудрав** | он чи зуд меравад |
| **зудрафт** | зуд (тез) рафтан |
| **зудоя** | зудоянда; воситаи зудудан |
| **зудрафт** | зуд (тез) рафтан |
| **зудтаъсир** | зуд (тез) таъсиркунанда |
| **зудсӯзиш** | зуд (тез) сӯхтан |
| **зудхест** | зуд хестан (бархестан) |
| **зудчунб** | чизи зуд чунбанда |
| **зудчунбандагӣ** | хусусияти зудчунбӣ доштан |
| **зудчунбӣ(ш)** | зуд-зуд чунбидан |
| **зудчунбо** | зудчунбанда, зудҳаракаткунанда |
| **зудшикаст** | якбора шикастани чиз |
| **зудшор** | шориши зуд (якбора) |
| **зудшоро** | зудшоранда, зудҷоришаванда |
| **зудшорой** | хусусияти зудшорӣ доштан |
| **зумухт** | ҳар чиз, ки лабу даҳанро бурма мекунад |
| **зумухтан** | лабу даҳанро бурма кардан |
| **зуҳуркард** | зуҳур кардан, ба зуҳур омадан |
| **зӯрбозу** | шахси бозуи қавидошта |
| **зӯрмард** | марди зӯр (боқувваат) |
| **зӯромад** | аз бардоштани бори вазнин хам шудани миён |
| **зӯровард** | зӯр овардан |

| | |
|---|---|
| **зӯртан** | дорои тану ҷуссаи боқувват |
| **И** | |
| **ибораистилоҳ** | истилоҳе, ки аз ду ва бештар вожа таркиб ёфтааст |
| **ивазкард** | иваз кардан, тағйир додан, бадал намудан |
| **ивазпазирӣ** | қобилияти иваз шудан доштан, қобилияти бадал шудан доштан |
| **ивазшавандагӣ** | ниг.: **ивазпазирӣ** |
| **идорапарвоз** | парвози идорашаванда |
| **изгузорӣ** | из (нишона, пай) гузоштан |
| **иқтидорсанҷ** | воситаи андозагирии иқтидор (тавоноӣ) |
| **илмгунҷо** | зарурат ба илму дониш доштан |
| **илмгунҷоӣ** | хусусияти зарурат ба илму дониш доштан |
| **илмгунҷо** | ниг.: **илмгунҷо** |
| **илмпеша** | олим, пажӯҳишгар, муҳаққиқ; донишманд |
| **илмталаб** | толиби илму дониш |
| **илмталабдорӣ** | хусусияти ба илму дониш талабот доштан |
| **ислоҳпазир** | қобили ислоҳ |
| **ислоҳпазирӣ** | қобили ислоҳ будан |
| **интиқолдеҳ(ак)** | воситаи интиқолдиҳӣ |
| **инъикосдеҳ(ак)** | абзоре, ки чизеро инъикос (акс) медиҳад |
| **инъикосдиҳӣ** | чизеро инъикос (акс) додан |
| **ишорамех** | мехи чӯбини дар замин кӯфташуда, ки барои муайян кардани масофаи байни |

| | |
|---|---|
| | маҳалҳо истифода мешавад *(дар геодезия)* |
| **ишорачӯб** | як порачӯби рангуборшуда, ки барои ишора кардани чизе истифода мешавад; ҳамч.: ниг.: **ишорамех** |
| **К** | |
| **кабудкӯҳ** | кӯҳи кабуд (сабз, сералаф) |
| **кабудтоб** | дорои тобиш (ранг)-и кабуд |
| **кадубо** | ғизои кадугин |
| **кадудона** | донаи каду |
| **кадудона** | донаи каду |
| **кадуёру** | ёру (поя)-и каду |
| **калавиш** | калавидан |
| **калавомад** | калав-калав (калавида) омадан |
| **калаврафт** | калав-калав (калавида) рафтан |
| **каланддаста** | дастаи каланд |
| **каландкофт** | бо каланд кофтан (масалан, ҷӯякро дар замин) |
| **каландчӯяк** | ҷӯяки бо каланд бардошташуда |
| **калидивожа** | вожаи калидӣ *(дар дохили як матн)* |
| **калидивожагон** | вожагони калидӣ *(дар дохили як матн)* |
| **калкӯҳ** | кӯҳе, ки дар қуллаи он чизе намерӯяд *(номи мавзеъ)* |
| **калобатоб** | (коргари) тобандаи калоба |
| **калобатобак** | абзори тофтани калоба |
| **калобатобӣ** | тофтани калоба |
| **калонандоза** | дорои андозаи калон |

| | |
|---|---|
| **калонбуриш** | буриши калон; дорои буриши калон |
| **калонгап** | касе, ки бе мулоҳиза сухан мегӯяд ё худро ситоиш мекунад |
| **калонгапӣ** | бе мулоҳиза сухан гуфтан |
| **калондеҳа** | деҳи калон |
| **калонқадам** | касе, ки калон-калон (дур-дур) қадам мегузорад |
| **калонмева** | меваи калон; дорои меваи калон *(дар бораи дарахт)* |
| **калонпанҷа** | он ки панҷаҳояш калон (бузург) аст |
| **камгустариш** | кам густаришёфта |
| **камдид** | нодида гирифтан; писанд накардан |
| **камдучор** | кам дучоршаванда |
| **камёб** | ниг.: **камёфт** |
| **камёфт** | ёфтнашаванда, кам дучоршаванда |
| **камкард** | кам кардан; коҳиш додан |
| **камковок** | ковокии зиёд надоштан |
| **каммадорӣ** | мадор (тавон)-и кам доштан |
| **каммиқдор** | миқдори кам доштан |
| **камнамо** | камнамудор; дер-дер ба назар расанда |
| **камузам** | гоҳе каму гоҳе зам |
| **камузамкард** | дар як вақт камузам (илова, ҷамъ) кардан |
| **камҳаво** | норасоии ҳаво |
| **камҳавоӣ** | аз ҳаво норасоӣ доштан, нарасидани ҳаво |
| **камтавон** | бемадор, беҳолат |
| **камтавонӣ** | тавон (иқтидор)-и кам |

| | |
|---|---|
| | доштан |
| **камузиёд** | гоҳе кам, гоҳе зиёд |
| **камузиёдӣ** | дар як вақт каму зиёд шудан |
| **камузиёдшавӣ** | гоҳе кам ва гоҳе зиёд шудан |
| **канданашавандагӣ** | хусусияти аз ҳам канда (ҷудо) нашудан |
| **кандаовоз** | овози канда-канда |
| **кандарафт** | канда-канда рафтан |
| **кандасадо** | садои канда-канда |
| **кандахат** | хатти канда-канда |
| **кандина** | воситаи кандан (каниш); кандани |
| **каниш** | амали кандашавӣ |
| **канишдеҳ(ак)** | воситаи аз ҳам ҷудо намудан (каниш додан) |
| **канорагард** | канор (дур-дур) гарданда |
| **канорпартоӣ** | ба канор партофтан |
| **канорпартофт** | ниг.: **канорпартоӣ** |
| **карахшбандӣ** | карахш бастан |
| **карахшбаст** | ниг.: **карахшбандӣ** |
| **карахшзудо** | воситаи зудудан (бартараф кардан)-и карахш |
| **карахшзудоӣ** | зудудан (бартараф кардан)-и карахш |
| **карахштарошӣ** | тарошида гирифтани карахш |
| **каррабандӣ** | карра (мағорак) бастан |
| **кафидагӣ** | ҷойи кафидадор |
| **кафидагоҳ** | ҷое, ки кафидагӣ дорад |
| **кафиш** | амали кафидан |
| **кафишдиҳӣ** | кафиш додан, аз чанд ҷой кафондан |
| **кафкоб** | оби кафкдор |
| **кафкоба** | оби собун ё дигар маводди |

| | |
|---|---|
| | шуст; пасоби шустушӯй |
| **кафониш** | кафондан |
| **кафшерпайваст** | бо кафшер пайваст кардан |
| **каҳандова** | андова бо лойи каҳдор |
| **каҳлой** | лое, ки ба он барои часпаку гиро шудан каҳ (коҳ) ҳамроҳ карда шудааст |
| **качгардонӣ** | кач гардонидан, кач кардан, қат кардан |
| **качмасир** | масири кач (норост) |
| **качназар** | баднигоҳ, одами ғаразнок |
| **качназарӣ** | баднигоҳӣ, ғаразнокӣ |
| **качнигарӣ** | кач-кач нигоҳ кардан |
| **качрафт** | кач рафтан; бо роҳи дигар рафтан, бо роҳи рост нарафтан, рост нарафтан |
| **качхат** | хатти кач |
| **кашид** | кашидан |
| **кашидабандӣ** | кашида бо ҳам бастан |
| **кашидабаровард** | кашида баровардан (масалан, аз об) |
| **кашидабаст** | ниг.: **кашидабандӣ** |
| **кашидабурд** | кашида бурдани чизе |
| **кашидадошт** | кашида доштан |
| **кашидашаванда** | |
| **кашидашавандагӣ** | хусусияти кашидашавӣ доштан |
| **кашидашуд** | кашида шудан |
| **кашина** | воситаи кашидан (кашида бурдан) |
| **кашишхӯрд** | кашиш хӯрдани чизе |
| **кашолабор** | боре, ки кашол-кашол оварда мешавад; ваза |
| **кашолабурд** | кашол-кашол бурдани чизе; |

| | |
|---|---|
| | вазабурд |
| **кашоларафт** | кашола шуда рафтан; ба зӯр рафтан; вазарафт |
| **кашона** | воситаи кашондан |
| **кебанда** | майлкунанда, бероҳшаванда |
| **кебандагӣ** | хусусияти майлкунӣ, бероҳагӣ доштан |
| **кебиш** | кебидан, майл кардан, аз роҳи рост баромадан |
| **кеҳин** | камтарин, хурдтарин, пасттарин ва ғайра |
| **кеҳинадад** | адади хурдтарин |
| **кеҳинвазн** | вазни камтарин; одами камвазнтарин |
| **кеҳиндарозо** | дарозои камтарин |
| **кеҳинжарфо** | жарфои камтарин |
| **кеҳинқад** | он ки қадди пастарин дорад |
| **кеҳинқимат** | қимати камтарин |
| **кеҳиновоз** | овози пасттарин; дорои овози пасттарин |
| **кеҳинпаҳно** | паҳнои камтарин |
| **кеҳинроҳ** | роҳи кӯтоҳтарин |
| **кеҳинрӯз** | рӯзи кӯтоҳтарин |
| **кеҳинсадо** | садои пасттарин |
| **кеҳинсатҳ** | сатҳи камтарин |
| **кеҳинҳаҷм** | ҳаҷми камтарин |
| **кеҳиншаб** | шаби кӯтоҳтарин |
| **килеб** | каҷ, хам, ноҳамвор |
| **килебӣ** | каҷӣ, хамӣ, ноҳамворӣ |
| **килеброҳ** | роҳи каҷу килеб (ноҳамвор) |
| **кироякиштӣ** | киштии кироя |
| **китобраф** | рафи китоб |
| **киштайём** | айём (мавсим)-и кишт |
| **киштзамин** | замини киштбоб |

| | |
|---|---|
| **киштисайр** | бо киштӣ сайр кардан |
| **колобандӣ** | бандубаст кардани коло (ашё) |
| **комакан(ак)** | воситаи кома кандан, сӯрох кардан, |
| **комаканӣ** | кандани кома (сӯрохӣ, ковокӣ) дар чиз |
| **кора** | таъсир; ҳамч. ниг.: **коро** |
| **коракард** | кора (таъсир) кардан |
| **корамзамин** | замини корам |
| **корандоз(ак)** | воситаи ба кор андохтан (даровардан) |
| **корандозӣ** | ба кор андохтан (даровардан) |
| **корандохт** | ниг.: **корандозӣ** |
| **корбурд** | ба кор бурдан; ба коре истифода кардан |
| **корнооё** | бакорнаоянда, корношоям, ба коре истифоданашаванда |
| **корноой** | ниг.: **корнооё** |
| **коро** | бакороянда; таъсирбахш |
| **короабзор** | абзори коро(й), абзори зарурӣ |
| **короё** | бакороянда, коршоям; таъсирбахшанда; зарур |
| **корой** | ниг.: **короё** |
| **корозарба** | зарбаи коро (таъсирбахш, гузаро) |
| **корокувва** | қувваи коро (таъсирбахшанда) |
| **коромад** | барои кор истифода шудан |
| **косакон** | кони кушода (кушодакон)-е, ки зоҳиран шакли коса дорад |

| | |
|---|---|
| **косакӯҳ** | кӯҳи косашакл |
| **косаумқ** | умқ (чуқурӣ)-и косашакл ё қифшакл |
| **кофт** | кофтан |
| **кофта** | кофташуда |
| **кофтабаровард** | кофта баровардан |
| **кофтагӣ** | ҷойи кофташуда |
| **кофтагирифт** | кофта гирифтан |
| **кофтаёфт** | кофта ёфтан |
| **кулчаангишт** | ангиште, ки ба таври сунъӣ ба шакли кулча (тахтача) омода шудааст, брикет |
| **кулчанамак** | намаки кулча-кулча |
| **кушодакон** | коне, ки дар сатҳи болоии замин ҷойгир аст |
| **кушодфазо** | фазои кушод |
| **кӯба** | воситаи кӯбидан (масалан, гандумро) |
| **кӯбак** | ҷузъи кӯбанда |
| **кӯбаабзор** | абзори кӯбанда |
| **кӯбасанг** | санги кӯбиш (паҳнсанге, ки дар болои он гандумро мекӯбанд), санги ос |
| **кӯбина** | воситаи кӯфтаву хурд кардани чизе |
| **кӯбишнопазир** | ба кӯфтан тобовар набудан |
| **кӯбишпазир** | ба кӯфтан тобовар будан |
| **кӯзагил** | гили кӯзасозӣ |
| **кӯрдуд** | дуди алови паст |
| **кӯтоҳгап** | кӯтоҳ гапзананда (суханкунанда) |
| **кӯтоҳсухан** | кӯтоҳ суханкунанда (гапзананда) |
| **кӯтоҳҷумла** | ҷумлаи кӯтоҳ |

| | |
|---|---|
| **кӯфт** | кӯфтан, зарба задан |
| **кӯфтагӯшт** | гӯшти кӯфта |
| **кӯҳдоман** | доманаи кӯҳ |
| **кӯҳпайкар** | дорои пайкари бузург (мисли кӯҳ) |
| **кӯҳроҳа** | роҳ (пайроҳа)-и кӯҳӣ |
| **кӯҳрӯд** | рӯди кӯҳӣ |
| **кӯҳчӯкиш** | чӯкиши кӯҳ |
| **кӯҳбод** | боде, ки аз сӯйи кӯҳ мевазад |
| **кӯҳкамар** | камари кӯҳ |
| **кӯҳмасир** | масири кӯҳӣ |
| **кӯҳпайдоиш** | раванди пайдо шудани кӯҳ |
| **кӯҳсайр** | сайри кӯҳ, сайри кӯҳсор |
| **кӯҳтеғa** | теғаи кӯҳ |
| **кӯчбаст** | кӯч бастан, кӯчидан ба ҷойи дигар |
| **кӯчиш** | кӯчидан |
| **кӯчона** | кӯчонанда |
| **кӯчониш** | аз ҷое ба ҷое кӯчонидан |
| **Қ** | |
| **қабатбандӣ** | ба қабатҳо (лояҳо) ҷудо кардан |
| **қабатпӯш** | бо қабат пӯшонидашуда |
| **қабатпӯша** | пӯшаи қабат |
| **қабатпӯшона** | бо қабат пӯшонанда |
| **қабатпӯшонӣ** | бо қабат пӯшонидан |
| **қабза** | як дастаи чизе |
| **қабзабандӣ** | даста-даста бастан |
| **қавибаст** | қавӣ (устувор) бастан |
| **қавибод** | боди қавӣ (зӯр) |
| **қавипӯлод** | пӯлоди сахт |
| **қавитаъсир** | таъсири қавӣ (зӯр) |

| | |
|---|---|
| **қавифилиз** | филизи сахт |
| **қадамрафт** | қадам зада рафтан; бо қадам рафтан; қадам шумурда рафтан |
| **қадамшумор** | бо қадам шуморкардашуда |
| **қадамшуморӣ** | бо қадам шумор кардан |
| **қаднамо** | абзори нишон додани дарозии қад |
| **қадпарид** | қад-қад паридан |
| **қаламбур** | қалам-қалам буридашуда |
| **қаламбурид** | қалам-қалам (тикка-тикка) буридан |
| **қаламкард** | қалам-қалам (тикка-тикка) кардан |
| **қандмева** | меваи қанддор |
| **қапина** | воситаи қапидан (нигоҳ доштан) |
| **қарғ** | сангпора |
| **қарғзамин** | замини серсанг |
| **қарғтӯда** | тӯдаи санг |
| **қаторбаст** | қатор-қатор бастан |
| **қафогашт** | ба қафо баргаштан |
| **қафогардонӣ** | ба қафо гардонидан |
| **қафомонд** | қафо мондан, қафомонӣ |
| **қафонамо** | воситаи намоён кардани қафо (пушт)-и чизе |
| **қафонамуд** | намуди қафои чиз |
| **қафонигарӣ** | ба қафо нигаристан |
| **қафорафт** | ба қафо рафтан (ҳаракат кардан) |
| **қафорӯя** | тарафи қафои чиз |
| **қафотобдиҳӣ** | ба қафо (пас) тоб додан |
| **қиёмовард** | ба ҳолати қиём (ғализӣ) овардан |

| | |
|---|---|
| **қиёмомад** | ба ҳолати қиём (ғализӣ) омадан |
| **қиравбарф** | барфи қирав |
| **қиравбаст** | қирав бастан |
| **қиррасанг** | санги қиррадор, санги серқирра |
| **қисмбанд** | воситаи ба ҳам бастани қисмҳо |
| **қисмбандӣ** | қисм-қисм бастан; бастани қисме |
| **қисмбаст** | ниг.: **қисмбандӣ** |
| **қобилиятдорӣ** | ба коре қобилият доштан |
| **қорчбо** | ниг.: **қорчшӯрбо** |
| **қорчзор** | макони қорчрӯиш, замбӯруғзор |
| **қорчшӯрбо** | шӯрбои қорч (замбӯруғӣ) |
| **қувватафзо** | воситаи афзояндаи қувва (неру) |
| **қувватафзоӣ** | амали афзоиш додани қувва (неру) |
| **қувватгирӣ** | қувват (неру) гирифтан |
| **қувватдиҳӣ** | қувват (неру) додан; қавӣ кардан |
| **қуллапаймо** | паймоянда (фатҳкунанда)-и қуллаи кӯҳ |
| **қуллапаймоӣ** | паймудан (фатҳ кардан)-и қулла |
| **қултрехт** | қулт-қулт рехтан |
| **қумдашт** | дашти серқум (қумдор) |
| **қумзамин** | замини серқум (қумдор) |
| **қумоб** | оби қумдор |
| **қумпошак** | абзор барои пошидани қум |
| **қумтӯда** | тӯдаи қум |
| **қумхок** | хоки қумомехта |

| Л | |
|---|---|
| **лалмзамин** | замини лалмӣ (беоб, обёринашуда) |
| **лангиш** | лангидан |
| **лангомад** | лангон-лангон омадан |
| **ланграфт** | лангон-лангон рафтан |
| **ланҷ** | суст, шиккак |
| **ланҷхӯрок** | хӯроки ланҷ (суст, шиккак) |
| **ларгирӣ** | ғализ (ғафс) шудан; лар гирифтан, яъне парда гирифтан |
| **ларз(а)бардор** | ба ларза тобовар будан |
| **ларз(а)бардорӣ** | қобилияти ба ларза тобовар будан |
| **ларз(а)овард** | ба ларза овардан |
| **ларз(а)санҷ** | абзоре, ки ларзишро месанҷад |
| **ларзишнамо** | абзоре, ки дараҷаи ларзишро нишон медиҳад |
| **ларз(иш)нигор** | абзоре, ки ларзишро сабт мекунад |
| **ларз(а)нишонӣ** | амали аз ларзиш нигоҳ доштан |
| **ларзина** | воситаи баларзишоваранда (ларздиҳанда) |
| **ларзона** | ниг.: **ларзина** |
| **ларзониш** | ба ларза овардан |
| **ларзофарак** | абзоре, ки ларзиш ба вуҷуд меорад |
| **ларзуструворӣ** | қобилияти ба ларза устуворӣ доштан |
| **латкард** | лат кардан, шатта додан (масалан, лойро) |

| | |
|---|---|
| **лахчаалав** | алави лахча |
| **лаҳимхӯла** | хӯлае, ки барои лаҳимкорӣ истифода мешавад |
| **лес** | лағжон(ак) |
| **леса** | ҷойи лес (лағжонак) |
| **лескӯҳ** | кӯҳи лес (лағжонак) |
| **лессанг** | санги лес (лағжонак) |
| **лесхок** | хоки лес (лағжонак) |
| **лесшах** | шахи  лес (лағжонак) |
| **ликконидан** | ҷунбонидан, бозӣ доштан |
| **ликкониш** | амали ликконидан |
| **ликқасанг** | санги ликқон (ҷунбон, овезон) |
| **ликқиш** | ликқидан, ҷунбидан |
| **ликқо** | ликқанда, ҷунбанда, ҷунбон |
| **ликқоб** | оби ликқанда (ҷунбанда) |
| **ликқомезиш** | ликқонда омехта кардан |
| **ликқомехта** | омехтае, ки бо роҳи ликқондан ҳосил шудааст |
| **ликқониш** | ликонидан, ҷунбонидан |
| **лингбаст** | дар ду паҳлуи чизе баста овезон кардани бор |
| **лобиш** | ниг.: **ловиш** |
| **ловиш** | ловидан, лой молидан, андова кардан |
| **лойзамин** | замини лой (сероб, сернам) |
| **лоябандӣ** | ба лояҳо (қабатҳо) ҷудо кардан |
| **лукидав** | лук-лук даванда |
| **лукирафт** | лук-лук рафтан |
| **лӯлакаш** | коргари соҳаи лӯлакашӣ |
| **лӯлакашӣ** | дар таги замин хобондани лӯла (қубур), масалан, лӯлаи обрасонӣ, газрасонӣ, |

| | |
|---|---|
| | нафтрасонӣ ва ғайра |
| **лӯланова** | новадони лӯлашакл |
| **лӯласутун** | сутуни лӯлашакл |
| **М** | |
| **мавҷгардон** | воситаи безараргардонандаи таъсири мавҷ |
| **мавҷзад** | ниг.: **мавҷзаниш** |
| **мавҷзаниш** | мавҷ задан |
| **мавҷсон** | ба шакл (сон)-и мавҷ |
| **мағорбандӣ** | мағора бастан, пӯпанак задан |
| **мағорзамин** | замини мағор (сернам) |
| **мадоррафт** | аз мадор рафтан, бемадор шудан |
| **майдаангишт** | ангишти майда (хока) |
| **майдабофт** | майда-майда бофтан |
| **майдадона** | донаи хурд (майда) |
| **майдакард** | майда (реза) кардан |
| **майдаколо** | колои майда (хурдандоза) |
| **майдакоҳ** | коҳи майда кардашуда |
| **майдамаснуот** | маснуоти майда (хурдандоза) |
| **майдапутк** | путки майда (хурдандоза) |
| **майдатақсим** | майда-майда (хурд-хурд) тақсим кардан |
| **майдачиз** | чизи майда (хурдандоза) |
| **майдаҷузъ** | ҷузъи майда (хурдандоза) |
| **майлдиҳӣ** | ба тарафе (ба чизе, ба роҳе) майл додан |
| **майлкард** | ба тарафе (ба чизе, ба роҳе) майл кардан |

| | |
|---|---|
| **майлхӯрд** | ба тараф (роҳ)-и дигар майл хӯрдан |
| **марзакашӣ** | кашидани марза (масалан, дар қитъаи замин) |
| **мармартахта** | тахтаи аз мармар сохташуда |
| **маромдеҳ(ак)** | воситаи маромдиҳӣ (ба маром оваранда), *стаблизатор* |
| **маромдиҳӣ** | маром додан, низом додан, ба маром овардан, *стабилизатсия* |
| **маромпарвоз** | парвози бомаром, бо маром (низом) парвозкунанда |
| **маромрафт** | рафти бомаром, бо маром (низом) рафтан |
| **маромшориш** | шориши бомаром |
| **маромшоро** | бо маром шоранда |
| **матоъпора** | пораи матоъ |
| **махкамбандӣ** | ниг.: **муҳкамбандӣ** |
| **маҳаксанг** | санги маҳак (озмоишӣ) |
| **маҳалнамо** | чизи дар замин кӯфташуда (масалан, мехи чӯбин), ки маҳалли ҷойгириро барои муайян кардани маҳалли дигар нишон медиҳад *(дар геодезия)* |
| **маҳинбофӣ** | маҳин (нозук, тунук) бофтан |
| **маҳинбофт** | бофтан (бофиш)-и маҳин (нозук, тунук) |
| **маҳингардиш** | оҳиста-оҳиста (маҳин, нарм) гардиш кардан |
| **маҳингашт** | оҳиста-оҳиста (маҳин, нарм) гаштан (ҳаракат кардан) |
| **маҳиновоз** | овози маҳин; он ки овози |

| | |
|---|---|
| | маҳин дорад |
| **маҳиномезиш** | оҳиста-оҳиста (маҳин, нарм) омехта кардан |
| **маҳинпухт** | оҳиста-оҳиста (маҳин, нарм) пухтан |
| **маҳинрафт** | оҳиста-оҳиста (маҳин, нарм) рафтан (ҳаракат кардан) |
| **маҳинрафтор** | шахси нармрафтору нармгуфтор |
| **маҳинсадо** | садои маҳин; дорои садои маҳин |
| **маҳинхок** | хоки маҳин |
| **маъдангоҳ** | макони истихроҷи ягон навъи маъдан; кон |
| **маъданоб** | оби сермаъдан |
| **маъданпора** | пораи маъдан |
| **маъданхока** | хокаи маъданӣ; хокаи маъдандор |
| **меваканд** | қанди мева, фруктоза |
| **меваоб** | оби мева |
| **мевашарбат** | шарбати мева |
| **мехпайваст** | бо мех бо ҳам пайваст кардан |
| **миёнаадад** | адади миёнаи чанд адад |
| **миёнавазн** | вазни миёна |
| **миёнагармо** | гармои миёна (муътадил) |
| **миёнағавр** | ниг.: **миёнажарф** |
| **миёнадарё** | дарёи аз нигоҳи дарозӣ миёна; миёна (мобайн)-и дарё |
| **миёнажарф** | жарфои миёна |
| **миёнакӯл** | кӯли аз нигоҳи ҳаҷм миёна; миёна (мобайн)-и кӯл |
| **миёнақимат** | қимати миёна (масалан, |

| | |
|---|---|
| | қимати миёнаи суръат) |
| **миёнанарх** | нархи миёна |
| **миёнарӯз** | миёна (мобайн)-и рӯз |
| **миёнасармо** | сармои миёна |
| **миёнасуръат** | суръати миёна (мобайнӣ) |
| **миёнаумқ** | ниг.: **миёнажарф** |
| **миёнафишор** | фишори миёна; фишори муътадил |
| **миёнаҳаҷм** | ҳаҷми миёна (мобайнӣ) |
| **миёнашаб** | миёна (мобайн)-и шаб |
| **миёноб** | оби миён (мобайн)-и дарё (кӯл, уқёнус, баҳр ва ғайра) |
| **милабанд** | воситаи ба ҳам пайваст кардани милаҳо (арматураҳо) |
| **милабандӣ** | ба воситаи мила (арматура) бандубаст кардан |
| **миласим** | симе, ки шакли мила дорад; арматура |
| **милтзанӣ** | милт-милт задан |
| **моеъгардонӣ** | ба моеъ табдил додан |
| **моеъмавод** | маводи моеъшакл |
| **моеъмодда** | моддаи моеъшакл |
| **моеъсанҷ** | василаи санҷиши таркиби моеъ |
| **моеъхӯла** | хӯлаи моеъшакл |
| **моеъшиша** | шишаи моеъшакл |
| **моилафтиш** | афтиши моил |
| **моилнова** | новаи моил |
| **моилсатҳ** | сатҳи моил |
| **молазамин** | замини ҳамвор ва мулоимкардашуда |
| **молакард** | мола (ҳамвор) кардан (масалан, замин) |

| | |
|---|---|
| **молачӯб** | чӯби ҳамвор (тахта) барои мола кардани замин |
| **молина** | воситаи молидан; воситаи молиш додан |
| **молишхӯрӣ** | ба ҳам молиш хӯрдан |
| **монанда(к)** | монанд ба чизи дигар |
| **монандгардонӣ** | ба ҳам монанд гардонидан |
| **монандӣ** | ба ҳам монанд будан |
| **морпеч(ак)** | чизи монанд ба мори печхӯрда |
| **мосандоза** | андозаи мос (мувофиқ) |
| **мосгардонӣ** | мос (мувофиқ, мутобиқ) гардонидан |
| **москард** | мос кардан, яксон кардан, мувофиқ кардан, мутобиқат додан |
| **мосомад** | мос (мувофиқ, мутобиқ) омадан |
| **моссозӣ** | мос сохтан, мувофиқа намудан |
| **моҳроғ** | роғ (равшанӣ, шунаҳ, нур)-и Моҳ |
| **моҳтобгирӣ** | ниг.: **моҳтобсӯзӣ** |
| **моҳтобсӯзӣ** | сӯхтан (гирифтан)-и Моҳ; хусуф |
| **моҳтобсӯхт** | ниг.; **моҳтобсӯзӣ** |
| **моҳшунаҳ** | шунаҳ (равшанӣ, шуоъ)-и Моҳ |
| **муайянкард** | муайян кардан, ошкор сохтан, муқаррар намудан |
| **мулоимак** | чизи мулоим (носахт) |
| **мулоимдонак** | дорои донаки мулоим |
| **мулоимирода** | дорои ирода (сабот)-и нарм |
| **мулоиммиҷоз** | дорои миҷози мулоим (нарм) |

| | |
|---|---|
| **мулоимрахт** | рахти мулоим (нарм) |
| **мулоимтабиат** | дорои табиат (феъл)-и мулоим |
| **мулоимфилиз** | филизи мулоим (носахт) |
| **муойинагар** | муойинакунанда |
| **муойинагоҳ** | нуқта (ҷой)-и муойина (таҳқиқ) |
| **мурдахок** | хоки мурда (беҳосил) |
| **муҳкамбандӣ** | муҳкам (махкам) бастан |
| **муштзарб** | зарби мушт |
| **муштзарба** | зарбаи муштӣ |
| **мушткӯб** | бо мушт кӯбидашуда |
| **мушткӯфт** | бо мушт кӯфтан (задан) |
| **мӯртзарф** | зарфи мӯрт (чарс, зудшикан) |
| **мӯртмавод** | маводди мӯрт (чарс, зудшик) |
| **мӯртфилиз** | филизи мӯрт (чарс, зудшикан) |
| **Н** | |
| **навбозшуда** | чизи аз нав (дубора) бозшуда (кашфшуда) |
| **навгуна** | гунаи нав |
| **навгунасоз** | касе, ки гунаи нави чизеро месозад (ихтироъ мекунад) |
| **навгунасозӣ** | сохтан (ихтироъ)-и гунаи нави чизе |
| **навкашфшуда** | чизи аз нав (дубора) кашфшуда |
| **навҷория** | чиз ва маҳсулоти нав ҷоришаванда |
| **нағзгудоз** | нағз (хуб) гудохташаванда |
| **нағзпаз** | нағз (хуб) пазанда |
| **нағзпухт** | нағз(хуб) пазонидан |

| | |
|---|---|
| **назардид** | тавассути назар (чашм) муойина (таҳқиқ) кардан |
| **назоратгар** | назораткунанда, нозир |
| **найбом** | боми найин (аз най сохташуда) |
| **найдевора** | девораи аз бастаҳои най кашидашуда |
| **нақшқолаб** | қолаби нақшпартоӣ |
| **намаққабат** | қабати намакдор |
| **намафзо** | воситаи зиёд кардани нам |
| **намафзоӣ** | зиёд кардани нам |
| **намгунҷо** | чизе, ки дар худ намро гунҷонида метавонад |
| **намгунҷоӣ** | чӣ қадар дар худ гунҷонидани нам (рутубат) |
| **намзамин** | замини намдор (сернам) |
| **намзудоӣ** | бартараф кардан (зудудан)-и нам (рутубат) |
| **намкоҳиш** | кам шудан (коҳиш ёфтан)-и нам |
| **намкоҳо** | воситаи коҳиш додан (кам кардан)-и нам |
| **намоя** | воситаи нишон додани андоза ва хосияту хусусият; шохис |
| **нампартоӣ** | нам партофтан, намнок шудан |
| **намсанҷ** | абзори санҷидани нам (рутубат) |
| **намталаб** | чизи ба намӣ эҳтиёҷдошта |
| **намталабӣ** | ба намӣ эҳтиёҷ доштан |
| **намҷабо** | чизи намҷабанда |
| **намҷабоӣ** | хусусияти ба худ ҷабидани намиро доштан |

| | |
|---|---|
| **нармбистар** | бистари нарм |
| **нармболишт** | болишти нарм |
| **нармболишт** | болишти нарм |
| **нармоб** | оби нарм |
| **нармовоз** | он ки овози нарм дорад |
| **нармоҳан** | оҳани нарм |
| **нармпазониш** | оҳиста-оҳиста (нарм) пазонидан |
| **нармпӯлод** | пӯлоде, ки сатҳи нарм дорад |
| **нармсадо** | дорои садои нарм |
| **нармфилиз** | филизе, ки сатҳи нарм дорад |
| **нармхок** | хоки нарм (ковок) |
| **насбгар** | коргари соҳаи насб |
| **насбгарӣ** | корҳои мансуб ба насбу васл |
| **насбабзор** | абзори насб |
| **насбноқил** | ноқил (сим)-и насб |
| **насимбод** | боди насим (форам) |
| **насягирифт** | бо нася гирифтан |
| **насяхарид** | бо нася харидан |
| **насяфурӯхт** | бо нася фурӯхтан |
| **нафасдиҳӣ** | нафас додан |
| **нафисоҳан** | оҳани нафис (маҳин, нарм) |
| **нафиспӯлод** | пӯлоде, ки сатҳи нафис (маҳин, нарм) дорад |
| **нафисфилиз** | филизе, ки сатҳи нафис (маҳин, нарм) дорад |
| **нафтлӯла** | лӯла (қубур)-и нафтрасонӣ |
| **нафтполо** | воситаи чудо (покиза) кардани нафт аз ҳар гуна олудагӣ |
| **нафтполоӣ** | амали покиза кардани нафт |
| **нафтшориш** | шоридани нафт |
| **нахусткашшоф** | кашшоф (бозгар)-и нахустин (аввалин) |

| | |
|---|---|
| **нахустозмоиш** | озмоиши аввалия |
| **нахустсанҷиш** | санҷиши нахустин |
| **нахусттаркиш** | таркиши нахустини Коинот |
| **наҳоргаҳ** | вақти наҳор (субҳи барвақт); вақти наҳорӣ (ғизохӯрӣ) |
| **наҷоткиштӣ** | киштии наҷотдиҳанда |
| **наҷотроҳ** | роҳи наҷот; роҳи халосӣ; роҳи гурез |
| **нерӯандӯза(к)** | олати андӯхтани нерӯ (энергия) |
| **неруандӯзӣ** | андӯхтан (ғун) кардани неру (энергия), захира намудани нерӯ |
| **неругирӣ** | гирифтани неру (энергия) тавассути абзору таҷҳизоти таъмини энергия (масалан, шабака, аккумулятор, батарея) |
| **неругоҳ** | таҷҳизот барои тавлиди ягон навъи неру, яъне, энергия |
| **нерудеҳ(ак)** | олати нерудиҳанда (энергиядиҳанда) |
| **нерудиҳӣ** | неру (энергия) додан |
| **нерузудо** | олати нерузудоянда, олати бенеру (беэнергия) гардонанда |
| **нерумоя** | манбаъ ё захираи неру (энергия), масалан, об, бод, ангишт, нафт ва ғайра (дар шакли ҷамъ – **нерумояҳо**) |
| **неруфизо** | воситаи афзояндаи неру (қувва) |
| **неруфизоӣ** | амали афзоиш додани неру (қувва) |

| | |
|---|---|
| **низомгашт** | гашти бонизом (ҳарбӣ, бо як тартиби муайян), бо низом гаштан |
| **низомдиҳӣ** | низом додан, ба низом (тартиб) овардан, мураттаб сохтан |
| **низомдод** | ниг.: **низомдиҳӣ** |
| **низомовард** | ба низом (тартиб) овардан |
| **низомрафт** | рафти бонизом, бо низом рафтан |
| **низомшориш** | шориши бонизом |
| **низомшоро** | бо низом шоранда |
| **ниманамуд** | намоён будани нимаи сатҳи чизе |
| **нимдоира** | ба шакли ними доира |
| **нимпаҳноӣ** | ними паҳно |
| **нимсӯзиш** | каме сӯхтан (масалан, сим) |
| **нимхоб** | хоби нотамом, пинак |
| **нимшаффоф** | каме шаффоф |
| **ниҳондошт** | ниҳон доштан, пинҳон доштан |
| **нишастбонг** | бонг (сигнал)-и фурудоии ҳавопаймо |
| **нишастгоҳ** | ҷойи нишаст; майдончаи нишасти ҳавопаймо |
| **нишастроҳ** | пайроҳаи нишасти ҳавопаймо |
| **нишастхат** | хатти нишасти ҳавопаймо |
| **нишастухест** | нишастану хестан (масалан, ҳавопаймо) |
| **нишебгурез** | ба нишебӣ гурехтан |
| **нишебзамин** | замини нишеб |
| **нишебмавзеъ** | мавзеи нишеб |
| **нишебмарза** | марзаи нишеб |

| | |
|---|---|
| **нишебрав** | ба нишебӣ раванда (ҷоришаванда) |
| **нишебрафт** | ба нишеб рафтан |
| **нишеброҳ** | роҳи нишеб (шебдор) |
| **нишебҷорӣ** | ба нишебӣ ҷорӣ шудан |
| **нишонзарба** | зарбаи нишонрас |
| **новакӯҳ** | кӯҳи монанд ба нова |
| **новасанг** | санги монанд ба нова |
| **новиш** | новидан, ин сӯ-он сӯ ҷунбидан |
| **новдон** | абзори равонкарди оби борон аз боми хона |
| **ногаҳбод** | боди ногаҳон |
| **ногаҳборон** | борони ногаҳон |
| **ногаҳзарба** | зарбаи ногаҳон |
| **ногаҳпадида** | падидаи ногаҳон |
| **ногаҳпайдо** | ногаҳон пайдошаванда |
| **ногаҳтаркиш** | таркиши ногаҳонӣ |
| **ногаҳҳодиса** | ҳодисаи ногаҳонӣ |
| **нодирангора** | ангораи нодир (беназир) |
| **нодирашё** | ашёи нодир (беназир) |
| **нодирмавод** | маводди камёфт (кампайдо) |
| **нодирпадида** | падидаи нодир (кампайдо) |
| **нодирунсур** | унсури камёфт (кампайдо) |
| **нодирфилиз** | филизи камёфт (кампайдо) |
| **ноёб** | ниг.: **ноёфт** |
| **ноёфт** | ёфтнашаванда |
| **номвожа** | вожаи ифодакунандаи ном |
| **номвожагон** | вожаҳои ифодакунандаи ном |
| **нофаъолгардонӣ** | нофаъол гардонидан |
| **нохостларза** | ларзаи нохост (якбора, баногоҳ) |
| **ноҷунбон** | наҷунбанда |
| **ноҷунбоӣ** | хусусияти ҷунбиш кардан |

| | |
|---|---|
| | надоштан |
| **нохостбод** | боди ногаҳон вазанда |
| **нохостборон** | борони ногаҳон боранда |
| **нохостпайдо** | ногаҳон пайдошаванда |
| **нохосттаркиш** | таркиши ногаҳонӣ |
| **нуқракон** | кони нуқра |
| **ноҷунбон** | ниг.: **ноҷунбо** |
| **нурандоз(ак)** | воситаи паҳн кардани нур (рӯшноӣ) |
| **нурафзо(як)** | воситаи афзоиш додани нур (рӯшноӣ) |
| **нурафкан** | афканандаи нур |
| **нурафшон** | афшондани нур |
| **нурафшонӣ** | амали пошидани нур (рӯшноӣ) |
| **нурбардорӣ** | қобилияти ба нур (рӯшноӣ) тобовар будан |
| **нурбардошт** | ниг.: **нурбардорӣ** |
| **нурбонг** | бонг (сигнал)-и нур |
| **нурборандагӣ** | хусусияти нурбор кардан доштан |
| **нурбориш** | амали нурбор кардан |
| **нургардон** | воситаи безараргардонии таъсири нур |
| **нургирак** | воситаи қабулкарди нур |
| **нургирӣ** | нур (шуоъ) хӯрдан (гирифтан) |
| **нурдармонӣ** | муолиҷа (табобат) ба воситаи нур |
| **нурнамо** | василаи намудор кардани рӯшноӣ (нур) |
| **нурофар(ак)** | воситаи падид овардани нур |
| **нурпалмоса(к)** | асбоби ба воситаи нур ламс кардани чиз |

| | |
|---|---|
| **нурпарто** | воситаи партофт (андохт)-и нур |
| **нурполо** | воситаи чудо кардани нур (рӯшноӣ) |
| **нурпошак** | ниг.: **нурпошо** |
| **нурпошӣ** | пошидани нур (рӯшноӣ) |
| **нурпошо** | воситаи пошидани нур (рӯшноӣ); нурпошанда |
| **нурпошонӣ** | амали пареш додани нур (шуоъ) |
| **нурташхис** | ташхиси таркиб ба воситаи нур (рӯшноӣ) |
| **нуртаъсир** | таъсироварӣ ба воситаи нур (рӯшноӣ) |
| **нуртора** | тораи нур |
| **нурфавра** | фавра (фаввора, фағона, фаға))-и нур (рӯшноӣ) |
| **нурфизо(як)** | ниг.: **нурафзо(як)** |
| **нурфишонӣ** | ниг.: **нурафшонӣ** |
| **нурҳассос** | нисбат ба нур (рӯшноӣ) ҳассос будан |
| **нурҳассосӣ(ят)** | нисбат ба нур (рӯшноӣ) хосияти ҳассосӣ доштан |
| **нуршикаст** | шикасти нур |
| **нуршоха** | шоха (даста)-и нур |
| **О** | |
| **оббон** | назорат (танзим)-гари об |
| **оббонӣ** | назорат (танзим) кардани об |
| **обгузар** | чое, ки аз он об мегузарад (ҷорӣ мешавад) |
| **обгузаро** | қобилияти обгузаронӣ |
| **обгузаронӣ** | аз худ гузаронидани об |
| **обгузаронандагӣ** | қобилияти аз худ |

| | |
|---|---|
| | гузаронидани об |
| **обғано** | он чи аз об ғанӣ аст, сероб |
| **обгунчоӣ** | чӣ кадар гунҷонидани об |
| **обгунчониш** | қобилияти дар худ гунҷонидани об |
| **обдав** | давиши об; ҷойи тез ҷорӣ шудани об, масалан, дар замин; ҷӯяк |
| **обдамиш** | дамидан (баланд шудан)-и об |
| **обзамин** | замини обдор (сероб) |
| **обзаҳиш** | заҳида гузаштани об |
| **обканд(а)** | мавзее, ки онро об (сел) кандааст; селроҳа |
| **обкост** | кам шудани об |
| **обкоҳиш** | кам шудани об |
| **обмоя** | моя (манбаъ)-и об |
| **обнеру** | неру (энергия)-и об |
| **обнова** | новаи ҷорӣ кардани об аз ҷое ба ҷое |
| **обполак** | ниг.: **обполо** |
| **обполандагӣ** | қобилияти полидани об |
| **обполо** | воситаи тоза (покиза) кардани об |
| **обполоӣ** | амали покиза кардан (полидан)-и об |
| **обраҳа** | роҳи рафтани об |
| **обпухт** | бо об пазондан |
| **обрӯда** | рӯдаи обрасонӣ |
| **обсанг** | санги даруни об |
| **обсанч** | воситаи санҷидан (чен кардан)-и об; мутахассиси соҳаи обшиносӣ (обсанҷӣ) |
| **обтақсим** | тақсим кардани об |

| | |
|---|---|
| **обфавра** | ниг.: **обфағона** |
| **обфағона** | фағона (фаввора)-и об |
| **обфурӯбарандагӣ** | қобилияти фурӯ бурдан (ба худ кашидан)-и об |
| **обфурӯбарӣ** | фурӯ бурдан (ба худ кашидан)-и об |
| **обхаст** | ниг.: **обхушкӣ** |
| **обхушкӣ** | хушкие, ки дар миёни об воқеъ аст; ҷазира |
| **обчарха** | чарха (парра, парвона)-и обӣ *(дар киштӣ)* |
| **обҷаб(б)** | обро ҷабанда |
| **обҷабак** | воситаи ҷаббидани об |
| **обҷабандагӣ** | ниг.: **обҷабоӣ** |
| **обҷабо** | ҷабандаи об |
| **обҷабоӣ** | хусусияти ба худ ҷабидани обро доштан |
| **обшуст** | ба воситаи об шуста шудан |
| **овозандозӣ** | овоз андохтан, навҳа кашидан |
| **огардкашӣ** | огард (ҷӯяк) кашидан |
| **оғозбахшӣ** | оғоз бахшидан ба коре |
| **оғоздиҳӣ** | оғоз додан ба коре |
| **озмопарвоз** | парвози озмоишӣ |
| **озодафтиш** | афтиши озод |
| **озодпарвоз** | парвози озодона |
| **окандаашё** | ашёи оканда (бо нақшу нигор) |
| **окандалибос** | либоси оканда (нақшин) |
| **окандамавод** | маводди оканда (нақшканда, нақшин) |
| **окандачӯб** | чӯби оканда (кандакоришуда) |
| **олоиш** | олуда гардонидан |

| | |
|---|---|
| **олудазудоӣ** | бартараф кардани олудагиҳо |
| **омадкард** | барор кардан, омад кардан |
| **омезазудоӣ** | аз ҳар гуна омезаву олудагӣ озод кардан |
| **омезишдеҳ(ак)** | воситаи ба ҳам омезиш додан |
| **омезишдиҳӣ** | ба ҳам омезиш додан |
| **омехтагӣ** | хусусияти бо ҳам омехтан доштан |
| **омехтамаъдан** | маъдане, ки аз якчанд унсурҳои химиявӣ иборат аст |
| **он** | як лаҳза, як дам |
| **онан** | дар як он, дар як лаҳзаи кӯтоҳ |
| **онгард** | зуд (тез) гарданда (раванда) |
| **онгардиш** | зуд (тез, дар як лаҳза) гардиш кардан |
| **онгузар** | зудгузар, дар як лаҳзаи кӯтоҳ гузаранда |
| **онгузашт** | зуд гузаштан, дар як лаҳзаи кӯтоҳ гузаштан |
| **ондид** | зуд (тез) дидан, дар як лаҳзаи кӯтоҳ дидан |
| **онандид** | якбора (дар як лаҳза) дидан |
| **ономад** | зуд омадан, дар як лаҳзаи кӯтоҳ омадан |
| **онпосух** | посух (ҷавоб)-и зуд |
| **онрав** | зуд (тез) раванда |
| **онрафт** | зуд (тез) рафтан |
| **ончарханда** | зуд (тез, дар як лаҳза) чарханда |
| **ордина** | орддор, орднок, ғизои аз орд тайёршуда |

| | |
|---|---|
| **ороишгул** | гули ороишӣ |
| **ороишмавод** | маводди ороишӣ (зинатӣ) |
| **ороишмаъдан** | маъдани ороишӣ (зинатӣ) |
| **оромгуфтор** | шахсе, ки гуфтори хуб, нарм, мулоим дорад |
| **оромпарвоз** | парвози оромона; ором парвозкунанда |
| **оромрафт** | оромона рафтан |
| **оромрафтор** | шахсе, ки рафтори хуб, нарм, мулоим дорад |
| **оромсухан** | шахсе, ки оромона сухан мекунад |
| **оромҳаракат** | дорои ҳаракати ором; ҳаракати оромона |
| **оромҷаст** | оромона ҷаҳанда |
| **оромҷорӣ** | ором ҷоришаванда |
| **оромшориш** | оромона шоридан; шориши оромона |
| **оромшоро** | ором шоранда |
| **ороранг** | ранги ороишӣ (зинатдиҳӣ) |
| **оросанг** | санги ороишӣ (зинатӣ) |
| **осиёбчарх** | чархи осиёб |
| **оскард** | ос (майда, реза) кардан |
| **осонгудоз** | ба таври осон гудохташаванда |
| **осонгузар** | ба таври осон гузаранда (убуркунанда) |
| **осоннуфуз** | ба таври осон нуфузкунанда |
| **оташангез** | имкони оташро бавуҷудоваранда |
| **оташангезӣ** | хусусияти ба вуҷуд овардани оташро доштан |
| **оташдеҳ(ак)** | воситаи оташдиҳӣ |
| **оташзабона** | забонаи оташ |

| | |
|---|---|
| **оташзан** | ниг.: **оташдеҳ(ак)** |
| **оташзо(й)** | эҳтимоли оташро ба вуҷуд оварда |
| **оташкӯҳ** | кӯҳи оташфишон |
| **оташмоя** | моя (манбаъ)-и оташгирӣ |
| **оташпаз** | ба воситаи оташ пазондашуда |
| **оташпеча** | печаи (шуълаи) оташ |
| **оташпухт** | ба воситаи оташ пухтан |
| **оташфағона** | фағона (фаввора)-и оташ |
| **офтобборон** | бороне, ки аз пораи абре ҳангоми будани офтоб низ меборад |
| **офтобгирӣ** | ниг.: **офтобсӯзӣ** |
| **офтобдиҳӣ** | офтоб додан, дар зери шуоъи офтоб гузоштан |
| **офтобпаз** | ба воситаи офтоб пазондашуда |
| **офтобпухт** | тавассути нури офтоб пухтан |
| **офтобрӯ(я)** | тарафи офтобрас |
| **офтобсӯзӣ** | ниг.: **офтобсӯхт** |
| **офтобсӯхт** | сӯхтан (гирифтан)-и Офтоб; кусуф |
| **офтобхушконӣ(ш)** | офтоб дода хушк кардан |
| **оҳанмех** | мехи оҳанин |
| **ошкора** | ошкоркунанда |
| **ошкорнамо** | воситаи ошкор намудан |
| **П** | |
| **пағадевор** | деворе, ки бо лои пағадор (каҳдор) бардошта шудааст, похсадевор |
| **пағалой** | лое, ки ба он барои часпаку |

| | |
|---|---|
| | гиро шудан паға (каҳ) ҳамроҳ карда шудааст |
| **падидоӣ** | пайдо шудан, намудор шудан, падид омадан |
| **пажзамин** | замини ноҳамвор |
| **пажмурдагиёҳ** | гиёҳи пажмурда (бетароват) |
| **пажмурдагул** | гули пажмурда (бетароват) |
| **пажроҳ** | роҳи ноҳамвор |
| **пайвастак** | ҷузъи пайвасткунанда (муҳкамкунанда, устуворку-нанда)-и чизе ба чизе |
| **пазирандагӣ** | қобилияти ба худ пазируфтан (қабулкард) доштан |
| **пазониш** | ба пухтан расонидан |
| **пайбурд** | пай бурдан, эҳсос кардан; фаҳм кардан |
| **пайвастгоҳ** | ҷойи пайвасти чизе |
| **пайгузорӣ** | пай (нишона, из) гузоштан |
| **пайканд** | пай гузоштан |
| **пайканӣ** | пай (нақш, нишона) кандан дар чизе |
| **пайкарбаст** | сохтмон (сохтор)-и зоҳирӣ |
| **пайрасонӣ** | ба пай (ҷой) бурда расонидан |
| **пайтёбӣ** | ёфтани пайт (лаҳзаи муносиб) |
| **пайткобӣ** | кофтани пайт (лаҳзаи муносиб) |
| **палағдағизо** | ғизои палағда (гандида, бӯйгирифта) |
| **палағдатухм** | тухми палағда (гандида) |
| **паланд** | қолаби дари хона |
| **палмоса** | воситаи палмосидан (ламс |

| | |
|---|---|
| | кардан) |
| **панаҳдошт** | пӯшонидан, пеши чизеро гирифтан |
| **панохрах** | роҳи панох (ноаён, душворпаймо); панорах |
| **парандагӣ** | хусусияти ба боло паридан (фавворазанӣ) доштан |
| **парахатарош** | параха-параха тарош кардашуда |
| **парвозбоб** | парвозӣ, парвозкунанда, ба парвоз мувофиқ |
| **парвозгох** | маҳалл (макон)-и парвоз |
| **парвоздиҳӣ** | ба парвоз даровардан |
| **парвозӣ** | парвозбоб |
| **пардакашӣ** | парда кашидан |
| **пардаовезӣ** | овехтани парда |
| **парешдиҳӣ** | ба ҳар ҷо пареш додан (партофтан, тақсим кардан) |
| **парина** | воситаи паридан; воситаи парвоз кардан; ҳавопаймо |
| **пармакард** | амали парма кардани чизе |
| **пармакофт** | тавассути пармакунӣ кофтани кон |
| **пармашикоф** | бо парма шикофкардашуда |
| **пармоса** | воситаи палмосидан (ламс кардан) |
| **пармосидан** | ламс кардан |
| **пармосиш** | пармосидан, ламс кардан |
| **пароша** | парешёфта, парешида |
| **паррам** | чарс, зудшикан, мурт |
| **паррамӣ** | чарсӣ, зудшиканӣ, муртӣ |
| **паррамашё** | ашёи паррам (чарс, зудшикан) |
| **парчинбаст** | бо парчин пайваст кардан |

| | |
|---|---|
| **пасандохт** | ба пас (ақиб, қафо) андохтан (партофтан) |
| **пасбонг** | бонг (сигнал)-и ҷавобӣ бар амале (рафторе) |
| **пасгардон** | воситаи ба пас (қафо) гардонидан |
| **пасгардонӣ** | ба пас (қафо) гардонидан |
| **пасгашт** | ба пас (қафо) тоб хӯрда ҳаракат кардан |
| **пасғар** | ниг.: **паскӯҳ** |
| **паскӯҳ** | кӯҳи пас (қафо) |
| **пасқиёфа** | намуди қафои чиз |
| **паснидо** | нидои ҷавобӣ бар амале (рафторе) |
| **пасоба** | обе, ки баъди истифода баръакс, ба пас (қафо) ҷорӣ мешавад (*дар соҳаи обу корез*) |
| **паспареш** | пареш (пароканиш)-и баръакс |
| **паспартофт** | ба қафо (пас) партофтан |
| **паспечониш** | печониши баръакс |
| **пасрафт** | ба пас (қафо) рафтан |
| **пасронд** | ба пас (ақиб, қафо) рондан |
| **пасронӣ** | ниг.: **пасронд** |
| **пасроҳагӣ** | роҳ ба сӯйи пас (қафо) |
| **пассадо** | садои пасгашта |
| **пастзамин** | замини паст, замини дар пастӣ ҷойгиршуда |
| **пастофт** | ба пас тофтан (печонидан) |
| **пастпарвоз** | хеле паст парвозкунанда (оид ба ҳавопаймо, чархбол ва монанди ин) |
| **пастсуръат** | суръати паст |

| | |
|---|---|
| **пастшуда** | камшуда |
| **пасупешрафт** | пасу пеш рафтан (ҳаракат кардан) |
| **пасчарх** | чархи қафо (пас) *(дар автомобил)* |
| **пасчарха** | чархаи пас *(дар неругоҳ)* |
| **пахол** | пояҳои хушки гандум ё дигар навъи зироат; коҳ |
| **пахолболишт** | болишти пахолӣ |
| **пахолбом** | боми пахолӣ (бо пахол пӯшонидашуда) |
| **пахолгилем** | гилеми пахолӣ (аз пахол бофташуда) |
| **пахолдевора** | деворае, ки аз бастаи пахолҳо кашида шудааст |
| **пахолфарш** | фарши пахолӣ (аз пахол густардашуда) |
| **пахтапоға** | поғаи пахта |
| **пахшкард** | пахш кардан, фишор овардан |
| **паҳнгустара** | ба паҳно густаришёфта |
| **паҳнгустариш** | ба паҳно густариш ёфтан (паҳн шудан) |
| **паҳндевор** | devори паҳн |
| **паҳнрӯй** | дорои рӯйи паҳн |
| **паҳнрӯя** | рӯя (тараф)-и паҳн |
| **печбаст** | печонида бастан |
| **печдиҳӣ** | печ додан |
| **печидагӣ** | хусусияти печида доштан, печида будан |
| **печидагул** | гули печида |
| **печидароҳ** | роҳи печутобдор |
| **печидаток** | ток (ангур)-и печидабаромада |

| | |
|---|---|
| **печидахат** | хатти печдор |
| **печина** | воситаи печонидан; воситаи печонанда |
| **печмила** | мила ё мехи печутобдоре, ки зимни устувор кардани пояи бинову иншоот истифода мешавад; анкер |
| **печона** | ниг.: **печина** |
| **печутобхӯрандагӣ** | қобилияти ба ҳар тараф печутоб хӯрдан |
| **печутобхӯрӣ** | ба ҳар тараф печу тоб хӯрдан |
| **печхӯрд** | печидан, тоб хӯрдан |
| **печхӯрда** | печида, тобхӯрда |
| **печхӯрдагӣ** | чизи печхӯрда |
| **пешбаровард** | ба пеш баровардан |
| **пешбода** | каҳе, ки гоҳи боддиҳии гандумпояҳо бо мақсади тоза карда гирифтани гандумдонаи онҳо дар пеш ҷамъ мешаванд; каҳреза |
| **пешгузашт** | пеш гузаштан |
| **пешгузошт** | пештар гузоштан |
| **пешгуфт** | дар оғоз гуфтан, пешгӯйӣ кардан |
| **пешгуфта** | дароғозгуфта, пешгӯйӣ кардашуда |
| **пешғар** | ниг.: **пешкӯҳ** |
| **пешғизо** | ғизои пеш (аввала, якум) |
| **пешғизоя** | ғизо (хӯрданӣ)-ҳои пешакӣ захирашуда |
| **пешайём** | айёми пешин (гузашта) |
| **пешвақт** | вақти пешин (гузашта); ниг.: **пешинагоҳ** |

| | |
|---|---|
| **пешдаврон** | даврони пешина (гузашта) |
| **пешкашид** | пеш кашидан; пештар кашидан (ба сӯйи худ) |
| **пешкашида** | ба пеш кашидашуда |
| **пешкӯҳ** | кӯҳи пеши рӯ |
| **пешлоиҳа** | лоиҳаи пешакӣ |
| **пешнамуд** | намуд аз пеш (рӯй) |
| **пешнасб** | насби пешакӣ |
| **пешовард** | ба пеш овардан |
| **пешпазониш** | пазониши пешакӣ |
| **пасронд** | ба пас (қафо) рондан |
| **пасронӣ** | ниг.: **пасронд** |
| **печроҳ** | роҳи печопеч |
| **пешроҳагӣ** | роҳ ба сӯйи  пеш |
| **пешрӯ** | рӯ (сӯ) ба пеш |
| **пешрӯя** | тарафи рӯяи чиз |
| **пешсабт** | сабти пешакӣ |
| **пешсӯ(й)** | сӯй (тараф)-и пеш |
| **пештараф** | тарафи рӯбарӯй (пеш)-и чиз |
| **пештарҳ** | тарҳи пешакӣ |
| **пештаҳлил** | таҳлили пешакӣ |
| **пешхӯрок** | хӯроки пеш (аввал, якум) |
| **пешхӯрокӣ** | хӯрокӣ (хӯрданӣ)-ҳои пешакӣ захирашуда |
| **пешчарх** | чархи пеш *(дар автомобил)* |
| **пешчарха** | чархаи пеш *(дар неругоҳ)* |
| **пешҷаст** | ба пеш ҷастан |
| **пешҷаҳиш** | ниг.: **пешҷаст** |
| **пешҷунбиш** | ба пеш ҷунбидан (ҳаракат гардан) |
| **пиёдасайр** | сайру гашти пиёда |
| **пилта** | ресмон ё тасмаи бофта |
| **пилтабанд** | банди пилтаӣ |
| **пилтабаст** | бо пилта бастан |

| | |
|---|---|
| **пилтакаш** | бо пилта кашидаву муҳкам басташуда |
| **пилтачароғ** | чароғи пилта (чароғе, ки аз ҳисоби сӯхтани пилтаи дар равған таршуда равшанӣ медиҳад) |
| **пинакрафт** | пинак рафтан, каме хоб рафтан |
| **пинакхоб** | хоби пинак, нимхоб |
| **пинҳондошт** | пинҳон доштан, махфӣ нигоҳ доштан |
| **пирдарахт** | дарахти пир (куҳан) |
| **пирчанор** | чанори пир (куҳан) |
| **пиряхоба** | оби пирях, оби пиряхмоя |
| **пичиргуфт** | пичир-пичир гуфтан (гап задан) |
| **пичиргуфтор** | касе, ки пичир-пичир гап мезанад |
| **поамал** | амали зид(д), амали баръакс; рафтори зид(д), рафтори баръакс |
| **поённамуд** | намуд аз поён |
| **поёнрӯя** | тарафи поёни чиз |
| **поиндиҳӣ** | ба поин равона кардан |
| **поиндод** | ниг.: **поиндиҳӣ** |
| **поинкард** | поин кардан, фаровардан |
| **поинкашӣ** | ба поин кашидан |
| **поинмайл** | ба поин майлдор |
| **поиновард** | ба поин овардан |
| **поиномад** | ба поин омадан |
| **поинрафт** | ба поин рафтан |
| **поинрӯ** | рӯ ба поин, поинраванда |
| **поинсамт** | ба поин самтдошта |
| **поинфишурӣ** | ба поин фишурдан (фишор |

| | |
|---|---|
| | овардан) |
| **поинҷунбиш** | ҷунбиш (ҳаракат) ба сӯи поин |
| **поккард** | ниг.: **поксозӣ** |
| **поксозӣ** | пок сохтан, тоза намудан (масалан, аз олудагӣ) |
| **покӯфт** | по кӯфтан; бо пой кӯфтан; бо пой кӯфташуда (кӯбидашуда) |
| **полокоғаз** | коғази поландаву поксозанда |
| **поломодда** | моддаи полоянда |
| **поракард** | пора-пора кардан |
| **пораматоъ** | матои пора, як пора матоъ |
| **порамаъдан** | маъдани пора-пора |
| **поранон** | нони пора |
| **порасанг** | санги пора, як пора санг |
| **порашавандагӣ** | хусусияти порашавӣ доштан |
| **посадо** | садои аксшуда |
| **посира** | андӯхта, захирашуда; захира |
| **посирамаблағ** | маблағи посира (андӯхта, захира) |
| **посирамавод** | маводди посира (андӯхта, захира) |
| **посиранеру** | неруи посира (андӯхта, захира) |
| **посираоб** | оби посира (андӯхта, захира) |
| **посиратило** | тилои посира (андӯхта, захира) |
| **потаъсир** | таъсири зид(д), таъмири баръакс |
| **потеша** | тешаи нӯгпаҳни калон барои тарошидани чӯб |
| **похсадевор** | ниг.: **поғадевор** |

| | |
|---|---|
| **пофишанг** | фишанге, ки ҳаракатро ба воситаи пой ба вуҷуд меоварад |
| **поҷараён** | ҷараёни муқобил |
| **поша** | пошдиҳанда; воситаи пошдиҳӣ |
| **пошдеҳ(ак)** | воситаи пош додан |
| **пошдиҳӣ** | амали пош додан |
| **пошдод** | ба ҳар сӯ пош додан |
| **пошина** | пошбоб, қобили пошидан будан |
| **пошиш** | пошидан; чизеро пошида-пошида рафтан |
| **пошмавод** | маводде, ки хусусияти пошхӯрӣ дорад (равған, бензин, об ва ғайра) |
| **пошона** | пошдиҳанда |
| **пошонӣ** | ба ҳар тараф парешон будан |
| **пошоя** | воситаи пошдиҳанда |
| **пошхӯрд** | ба ҳар тараф пош хӯрдан |
| **пулбандӣ** | бастан (сохтан)-и пул (кӯпрук) |
| **пургардонак** | воситаи пур кардани чизе бо чизе |
| **пургардонӣ** | пур-пур кардан |
| **пуркард** | бо чизе пур кардани чизе |
| **пурракард** | пурра (комил) кардан |
| **пуррасӯхт** | пурра сӯхта тамом шудан (масалан, сӯзишворӣ) |
| **пухтмаҳсул** | маҳсули пухташуда; маҳсул тавассути пухтан |
| **пухтарасид** | ба пухтан расидан |
| **пухтарасиш** | пухта расо шудан (масалан мева) |

| | |
|---|---|
| **пуштак** | паси чизе |
| **пуштакӯҳ** | кӯҳи теппамонанд |
| **пуштгирак** | чизи ба пушт гиранда (масалан, борхалта) |
| **пӯстканд** | аз пӯст ҷудо кардан |
| **пӯстканда** | аз пӯст ҷудо кардашуда |
| **пӯсткард** | пӯст кардан |
| **пӯстпора** | пораи пӯст |
| **пӯша** | воситаи пӯшонидан; қабати пӯшонанда; рӯйкаш |
| **пӯшидакон** | коне, ки дар таги замин ҷойгир аст |
| **пӯшониш** | амали бо чизе пӯшонидан; амали рӯйкаш кардан |
| **Р** | |
| **равғанандӯз** | ниг.: **равғанғуно** |
| **равғанғуно** | воситаи ҷамъ (ғунд) кардани равған |
| **равғандон** | зарфи равғангирӣ |
| **равғанкаш(ак)** | воситаи кашидани равған |
| **равғанлӯла** | лӯлаи равғанрасонӣ |
| **равғаннамо** | абзоре, ки ҳаҷми равғанро нишон медиҳад |
| **равғанполо** | абзоре, ки равғанро тоза мекунад |
| **равғанрӯда** | рӯда (шланг)-и равғанрасонӣ *(дар автомобил)* |
| **равониш** | равондан, нест (нобуд) кардан; дур кардан |
| **равонкард** | равона кардан; ирсол намудан |
| **рангатасвир** | тасвири ранга |
| **рангафилиз** | филизи ранга |

| | |
|---|---|
| **рангафилизот** | филизҳои ранга |
| **рангахӯла** | хӯлаи ранга |
| **рангашиша** | шишаи ранга |
| **рангзудо** | воситаи зудудани ранг |
| **рангзудоӣ** | амали зудудани ранг |
| **расишгоҳ** | ҷойи ба ҳам расиш кардан |
| **расошуд** | пурра шудан |
| **растабозор** | бозори растадор |
| **рахнабанд** | воситаи бастан (муҳкам кардан)-и рахна (тарқиш) |
| **рахнабандӣ** | бастан (муҳкам кардан)-и рахна (тарқиш) |
| **рахнабаст** | ниг.: **рахнабандӣ** |
| **рахнадевор** | девори рахнадор |
| **рахнадорӣ** | хусусияти рахна пайдо кардан доштан |
| **рахназад** | рахна задан (масалан, ҷабҳаи ҷангиро) |
| **рахнакард** | рахна кардан |
| **рахнанопазирӣ** | ба рахна шудан устувор будан |
| **рахшонсанг** | санги дурахшон (тобишдор, ҷилодор) |
| **рахтарошак** | асбоби тарошида баровардани рах |
| **рахтарошӣ** | тарошида баровардани рах дар рӯйи чизе |
| **рахшонфилиз** | филизи дурахшон (тобишдор, ҷилодор) |
| **рахшонмаъдан** | маъдани дурахшон (тобишдор, ҷилодор) |
| **рахшонситора** | ситораи дурахшон |
| **раҳокард** | ниг.: **раҳониш** |
| **раҳониш** | аз чизе раҳо кардани чизи |

| | |
|---|---|
| | дигар |
| **раҳоя** | раҳонанда; воситаи раҳонанда |
| **рача** | абзор барои рост кардани девор, ража, шоқул; чентаноб |
| **рачагирӣ** | ба воситаи рача рост кардани девор. ниг.: **рача** |
| **рачапартоӣ** | баробар кардани чор гӯшаи иморат пеш аз деворбардорӣ ба воситаи рача (чентаноб). ниг.: **рача** |
| **раъдгардон** | воситаи безарар гардонидани таъсири раъд |
| **регнова** | новаи резонидани рег |
| **регтӯда** | тӯдаи рег |
| **регтӯфон** | тӯфони рег |
| **регхома** | ниг.: **регтӯда** |
| **резабоб** | резашаванда |
| **резаабзор** | абзори реза кардан |
| **резак** | ниг.: **резаабзор** |
| **резамавод** | маводди реза (майда, резадона) |
| **резаҷинс** | ҷинси реза *(дар соҳаи геология)* |
| **резона** | резонанда; воситаи резиш |
| **резмавод** | маводде, ки хусусияти рехтан (резон) дорад (рег, шағал, қум ва ғайра) |
| **ресмонбаст** | бо ресмон бастан |
| **ресиш** | амали ресидан |
| **ресишчарх** | чархи ресиш |
| **рехт** | резиш |
| **рехта** | рехташуда (масалан, |

| | |
|---|---|
| | тавассути қолаб) |
| **рехтавожа** | вожаи рехта |
| **рехтаибора** | ибораи рехта |
| **рехтамаҳсул** | маҳсуле, ки тавассути рехтан дар қолаб ҳосил шудааст |
| **рехтапӯлод** | пӯлоди дар қолаб рехташуда |
| **рехтафилиз** | филизи дар қолаб рехташуда |
| **рехтахӯла** | хӯлаи дар қолаб рехташуда |
| **рехтаҳосил** | маҳсуле, ки пас аз рехтан дар қолаб ҳосил мешавад |
| **рехтаҷузъ** | ҷузъи дар қолаб рехташуда |
| **рехташиша** | шишаи дар қолаб рехташуда |
| **решавожа** | вожаи асосӣ, ки аз он бо истифода аз қоидаҳои вожасозӣ чанд вожаи дигар сохтан мумкин аст |
| **ривоҷбахшӣ** | ривоҷ додан, вусъат бахшидан |
| **риштабулӯр** | булӯри риштамонанд (ришта-ришта) |
| **роғбандӣ** | бастан (муҳкам кардан)-и роғ; пур кардани роғҳо |
| **ростгардиш** | гардиш ба сӯйи рост |
| **ростмасир** | масири рост (ростхатта) |
| **рострафт** | рост (ба сӯе майл накарда) рафтан; ба тарафи рост рафтан |
| **ростхат** | хатти рост |
| **ростхаттагӣ** | хосияти ростхатта доштан |
| **ростчархиш** | чархиш ба сӯйи рост |
| **рошкашӣ** | рош (марза, вот) кашидан (масалан, дар қитъаи замин) |
| **рӯба** | хасу хоке, ки дар натиҷаи рӯфтан ҷамъ мешавад |

| | |
|---|---|
| **рӯгардонӣ** | чаппагардон кардани рӯйи чизе |
| **рӯғечиш** | рӯ-рӯйи чизе ғеҷидан |
| **рӯданоқил** | ноқил (сим)-и рӯдашакл |
| **рӯзад** | рӯ задан, ошкор шудан |
| **рӯзанӣ** | ниг.: **рӯзад** |
| **рӯзбиниш** | биниши рӯзона |
| **рӯзбода** | боде, ки рӯзона мевазад |
| **рӯзгард** | чизе (хазанда, даранда)-е, ки рӯзона мегардад |
| **рӯзкор** | рӯзона коркунанда |
| **рӯзонабаст** | басти рӯзона |
| **рӯзпарвоз** | парвози рӯзона |
| **рӯпартофт** | аз сатҳи чизе ғеҷида партофт шудани чизе |
| **рӯфтабурд** | рӯфта бурдан |
| **рӯфтушуст** | рӯфтан ва шустан (дар як вақт, масалан, хонаи истиқоматӣ) |
| **рӯшанидиҳӣ** | каме равшанӣ додан, каме равшан кардан |
| **рӯшноафзо** | воситаи афзоиш додани рӯшноӣ |
| **рӯшноафзоӣ** | афзоиш ёфтани рӯшноӣ |
| **рӯшноафканиш** | афканиши рӯшноӣ |
| **рӯшноигустариш** | густариш (паҳн шудан)-и рӯшноӣ (нур) |
| **рӯшнодаста** | дастаи рӯшноӣ |
| **рӯшнопадида** | падидае, ки таъсири рӯшноӣ рух медиҳад |
| **рӯшнопареш** | пароканиш (пареш)-и рӯшноӣ (нур) |
| **рӯшнопошак** | воситаи пошиши рӯшноӣ (нур) |

| | |
|---|---|
| **рӯшнопошӣ** | пошиши рӯшноӣ (нур) |
| **рӯшносанҷ** | воситаи санҷиши рӯшноӣ |
| **рӯшносанҷӣ** | амали санҷиши рӯшноӣ |
| **рӯшнотаъсир** | таъсироварӣ ба воситаи рӯшноӣ (нур) |
| **рӯшнофизо** | воситаи афзункунандаи рӯшноӣ |
| **рӯшнофизоӣ** | афзуншавии рӯшноӣ |
| **рӯшношоха** | шоха (фавра, даста)-и рӯшноӣ |
| **рӯягардонӣ** | аз як рӯя (тараф) ба рӯя (тараф)-и дигар гардонидан |
| **С** | |
| **сабуквазн** | вазни сабук; дорои вазни сабук |
| **сабукпарвоз** | парвози сабук (муътадил); сабук парвозкунанда, озод парвозкунанда, бо маром парвозкунанда |
| **сабукрафт** | сабук (оҳиста) рафтан |
| **сабукунсур** | унсури вазнаш сабук |
| **сабукфилиз** | филизи сабук |
| **сабукхӯла** | хӯлаи сабук |
| **саворасайр** | сайри савора |
| **садоафкан(ак)** | воситаи садоафкан |
| **садобанд** | воситаи банд кардан (нагузарондан)-и садо |
| **садобандӣ** | банд кардани садо, гирифтани пеши роҳи садо |
| **садобонг** | бонг (сигнал) тавассути садо |
| **садогир(ак)** | воситаи қабули садо |
| **садогустариш** | густариш (паҳн шудан)-и садо |

| | |
|---|---|
| **садозарба** | зарба ба воситаи садо |
| **садокард** | садо кардан (баровардан) |
| **садонишон** | воситаи хомӯш (паст) кардани садо |
| **садоногир** | чизи садонагузаронанда (нагирандаи садо) |
| **садоногирӣ** | хусусияти садоро нагирифтан доштан |
| **садоноқил** | воситаи интиқоли садо |
| **садоноқилият** | қобилияти интиқол додани садо доштан |
| **садопареш** | пароканда шудан (пареш хӯрдан)-и садо |
| **садополо** | воситаи покиза гардонидани садо |
| **садосанҷӣ** | санҷидан (чен кардан)-и садо |
| **садотаҳқиқ** | ба воситаи садо таҳқиқ кардан |
| **садоташхис** | ба воситаи садо ташхис намудан |
| **садофизо** | воситаи баланд кардани дараҷаи садо |
| **садофикан** | воситаи садоафкан |
| **садофишор(иш)** | ба воситаи садо фишор овардан |
| **садоҷабоӣ** | фурӯ бурдани садо, фурӯ кашидани садо |
| **садоҷабиш** | ҷаббида шудан тавассути садо |
| **садошикан** | воситаи монеъ шудан ба паҳншавии садо |
| **садошиканӣ** | шикасти садо зимни паҳн шудан |
| **садошиносӣ** | илми шинохти садо |

| | |
|---|---|
| **сайдшикор** | шикори сайд |
| **сайёранавард** | фатҳкунандаи сайёра |
| **сайёранавардӣ** | фатҳи сайёра |
| **сайрбоғ** | боғи сайругашт ва истироҳат, парк |
| **сайрдара** | дараи сайругашт ва истироҳат, дараи сайёҳӣ |
| **сайрмакон** | макони сайругашт ва истироҳат, мавзеи сайёҳӣ |
| **сайрнамо** | воситае, ки самти хатти сайрро нишон медиҳад |
| **саланггашт** | саланг-саланг (бекор, безарурат) гаштан |
| **самтгардонӣ** | тағйир додани самт |
| **самтнамо** | воситае, ки самтро нишон медиҳад |
| **самтнамоӣ** | нишон додани самт |
| **сангвота** | вота (иҳота)-и сангӣ |
| **сангдевор** | девори сангӣ |
| **сангзамин** | замини серсанг |
| **сангинравоқ** | равоқи сангин |
| **сангкафонӣ** | кафонидани санг |
| **сангкашӣ** | бо санги соё (фасон) тез кардани абзори рӯзгор (корд, дукорда ва ғайра) |
| **сангкӯб** | бо санг кӯбидашуда |
| **сангкӯбиш** | ба воситаи санг кӯбидан; ба воситаи санг кӯфтан |
| **сангкӯфт** | ба воситаи санг кӯфтан; бо санг задан |
| **сангнамак** | намаки сангӣ |
| **сангорд** | орди сангӣ |
| **сангоҳан** | оҳани сангдор |
| **сангпора** | пораи санг |

| | |
|---|---|
| **сангтӯда** | тӯдаи санг |
| **сангхок** | хоки сангдор |
| **сангхока** | хокаи сангӣ, семент |
| **санҷишпарвоз** | парвози санҷишӣ |
| **сардбод** | боди сард |
| **сардгардон(ак)** | воситаи сард гардонидан |
| **сареъпарвоз** | тезпарвоз, бо суръати баланд парвозкунанда |
| **сареъҷорӣ** | тез (зуд) ҷорӣ шудан |
| **сареъҷоро** | зуд (тез, босуръат, бошаст) ҷоришаванда |
| **сареъшоро** | зудшоранда, тезшоранда |
| **сареъшоройӣ** | зудшоро будан, тезшоро будан |
| **сардипазир** | сардибардор, ба сардӣ пуртоқат |
| **сардипазирӣ** | сардибардор будан, ба сардӣ пуртоқат будан |
| **сардларз** | аз сардӣ ларзанда (масалан, бадан) |
| **сардларза** | ларзиши бадан, ки аз сардӣ ба вуҷуд меояд |
| **сардларзиш** | аз сардӣ ларзидани бадан |
| **сардоб** | оби сард |
| **сардситора** | ситораи сардтабиат |
| **сатҳоб** | оби сатҳӣ |
| **сафедкӯҳ** | кӯҳе, ки хокаш сафедранг аст; кӯҳе, ки дар он чизе намерӯяд |
| **сафедфилиз** | филизи сафедранг |
| **сафедхӯла** | хӯлаи сафедранг |
| **сафедчӯян** | чӯяни сафедранг |
| **сафолакбандӣ** | сафолак бастан (масалан, замин); бо сафолак (плита) |

| | |
|---|---|
| | фарш кардан |
| **сафолпора** | пораи сафол |
| **сахтбандӣ** | сахт (муҳкам) бастан |
| **сахтбаста** | сахт (муҳкам) басташуда |
| **сахтборон** | борони сахт (шадид) |
| **сахтбориш** | бориши сахт (бошиддат) |
| **сахтмолиш** | сахт (бо шиддат) молидан; молиши сахт (бо шиддат) |
| **сахтпӯлод** | пӯлоди сахт (устувор) |
| **сахтсойиш** | сахт (бо шиддат) сойидан; сойиши сахт (бошиддат) |
| **сахтфилиз** | филизи сахт (устувор) |
| **сахтхок** | хоки сахт (устувор) |
| **сахтхӯла** | хӯлаи сахт (устувор) |
| **сахтҷисм** | ҷисми сахт |
| **сахтшориш** | сахт (бо шиддат) шоридан; шориши сахт (бошиддат) |
| **саҳлларзиш** | саҳл ларзидан |
| **саҳлҷунбиш** | саҳл ҷунбидан |
| **саҳлҷунбо** | саҳл ҷунбанда |
| **севасла(к)** | ҷузъе, ки дар худ се нуқтаи пайваст дорад |
| **сезарб** | се бор зарб задан |
| **селаомад** | села-села (гурӯҳ-гурӯҳ) омадан |
| **селапарвоз** | парвози села (масалан, парандагон, ҳавопаймоҳои реактивӣ ва ғайра) |
| **селарафт** | села-села (гурӯҳ-гурӯҳ) рафтан |
| **селборон** | борони ниҳоят сахти селовар |
| **селгоҳ** | ҷое, ки дар он омадани сел имкон дорад |
| **селканд(а)** | ҷое, ки онро сел кандааст |

| | |
|---|---|
| **селомад** | омадани сел |
| **селраҳа** | ниг.: **селроҳа** |
| **селроҳа** | роҳи омадани сел |
| **сергурм** | чӯбе, ки гурм (чашмак)-и зиёд дорад |
| **серneру** | аз неру (энергия) ғанӣ будан, неруи зиёд доштан |
| **серохан** | аз оҳан ғанӣ будан, оҳани зиёд доштан |
| **серунбод** | боди серун (хунук, сард) |
| **серунҳаво** | ҳавои серун (хунук, сард) |
| **сершоха** | дорои шохаҳои зиёд (масалан, дарахт, сим) |
| **сетақсим** | ба се ҳисса тақсим кардан (ҷудо намудан) |
| **серҳаво** | аз ҳаво ғанӣ будан, ҳавои зиёд доштан |
| **сечандафзоӣ** | се баробар (бор, карат) зиёд кардан |
| **сеяксол** | аз се як қисми сол |
| **сеякхӯла** | хӯлае, ки аз ду навъи як филиз ва як навъи филизи дигар иборат аст |
| **сеякҳосил** | аз се як қисми ҳосил |
| **сиёҳтоб** | сиёҳ тобанда |
| **сиёҳфилиз** | филизи сиёҳранг |
| **сиёҳшиша** | дорои шишаи сиёҳ |
| **симбанд** | ба воситаи сим басташуда; банд (ресмон)-и симин |
| **симбандӣ** | ба воситаи сим бастан (муҳкам кардан) |
| **симбаст** | ниг.: **симбандӣ** |
| **симғалтак** | ғалтаки симпеч |
| **симпайваст** | ба воситаи сим пайваст |

| | |
|---|---|
| | кардани чизҳо |
| **симтаноб** | таноб (ресмон)-и симин |
| **симхобонӣ** | ба зери замин хобонда, кашида бурдани сим |
| **силсилаабзор** | якчанд абзори бо ҳам пайваста |
| **силсилаолот** | якчанд абзору олоти бо ҳам пайваста |
| **силсиланеругоҳ** | якчанд неругоҳи бо ҳам пайваста |
| **силсилатаҷҳиз** | якчанд таҷҳизу олоти бо ҳам пайваста |
| **сипеҳросо** | монанди сипеҳр (фалак) |
| **сироятзудо** | воситаи бартарафкунандаи сироят |
| **ситораборон** | якбора рехтани гурӯҳи ситораҳо |
| **ситорарез** | ниг.: **ситораборон** |
| **ситорачарх** | чархе, ки шакли ситора дорад |
| **собуншуст** | бо собун шустан |
| **соёхамира** | хамираи соянда (сайқалдиҳӣ) |
| **соёхока** | хокаи соянда (сайқалдиҳӣ) |
| **сон** | монанд, мисл |
| **соҳилбандӣ** | бастан (мустаҳкам кардан)-и соҳил |
| **сояандозӣ** | соя андохтан, соя афкандан |
| **сояkӯҳ** | кӯҳи соя (офтобнорас) |
| **соярӯ** | тарафи соя (офтобнорас) |
| **субҳдам** | гоҳи дамидани субҳ, вақти фаро расидани субҳ |
| **субҳдамиш** | дамидани субҳ, фаро расидани субҳ |

| | |
|---|---|
| **судамаъдан** | маъдани суда (хока) |
| **судамех** | мехи судашуда (хӯрдашуда, зангзада) |
| **судаоҳан** | оҳани судашуда (хӯрдашуда, зангзада) |
| **судафилиз** | филизи судашуда (хӯрдашуда, зангзада); филизи суда (хока) |
| **суркаш** | сур кашанда, карнай навозанда |
| **суркашӣ** | сур кашидан, карнай навохтан |
| **сурмакон** | кони сурма |
| **суробкашӣ** | кашидани суроби чизе |
| **суробсозӣ** | сохтани суроб (ангора, тарҳ, амсила)-и чизе |
| **сурсадо** | садои сур (карнай, шайпур ва ғайра) |
| **суръатафзо** | воситаи зиёд кардани суръат |
| **суръатафзоӣ** | зиёд кардани суръат |
| **суръатгирӣ** | оҳиста-оҳиста суръатро зиёд кардан |
| **суръатдеҳ(ак)** | воситаи зиёд кардани суръат |
| **суръатнамо** | воситае, ки суръати ҳаракатро нишон медиҳад |
| **сусталоқа** | алоқа (робита)-и суст (ноустувор) |
| **сустбандӣ** | суст (ноустувор) бастан |
| **сустбаст** | ниг.: **сустбандӣ** |
| **сустбод** | боди суст (заиф) |
| **сустбонг** | бонги суст (заиф) |
| **сустгард** | чизе, суст меравад (ҳаракат мекунад) |

| | |
|---|---|
| **сусткард** | суст кардан, суст гардонидан |
| **сустомад** | суст омадан |
| **сустрафт** | суст рафтан, суст ҳаракат кардан |
| **сусттаъсир** | таъсири суст (заиф) |
| **сустҷараён** | ҷараёни суст |
| **сустҷоро** | суст ҷоришаванда |
| **сустшориш** | шоридани суст |
| **сустшоро** | хусусияти шориши суст доштан |
| **суфракӯх** | кӯҳи суфра (тахт, ҳамвор) |
| **суфрасанг** | санги суфра (ҳамвор) |
| **суфратахта** | тахтаи тунуки суфрашакл |
| **суфраях** | яхи суфра; пирях |
| **суфтакард** | суфта (ҳамвор) кардан (масалан, коғаз, матоъ ва ғайра) |
| **суфтасанг** | санги суфта |
| **суфтасатҳ** | сатҳи суфта |
| **сӯандохт** | аз як сӯ ба сӯйи дигар андохтан; ба сӯйи ҳамдигар андохтан |
| **сӯгард** | ин сӯ он сӯ гарданда |
| **сӯгардонӣ(ш)** | ин сӯ он сӯ гардонидан |
| **сӯгашт** | ба ягон сӯ гаштан (тоб хӯрдан) |
| **сӯзандагӣ** | хусусияти сӯхтан доштан |
| **сӯпартофт** | ин сӯ он сӯ партофтан; аз як сӯ ба сӯйи дигар партофтан; ба сӯйи ҳамдигар партофтан |
| **сӯрохбарор(ак)** | воситаи сӯрох кардан, кома кардан |
| **сӯрохкард** | сӯрох-сӯрох кардани чизе |
| **сӯхтанбоб** | қобили сӯхтан будан |

| | |
|---|---|
| **сӯхтабӯй** | бӯе, ки аз чизи сӯхтаистода ба димоғ мерасад |
| **сӯхтмавод** | маводди сӯхтанбоб (сӯзишворӣ) |
| **сӯхтмоеъ** | моеъи сӯхтанбоб |
| **сӯхтхӯла** | хӯлаи сӯхтанбоб (сӯзишворӣ) |
| **сӯҷунбиш** | ин сӯ он сӯ ҷунбидан |
| **сӯҷунбонӣ** | ин сӯ он сӯ ҷунбонидан |
| **Т** | |
| **табарбур** | ба воситаи табар буридашуда |
| **табаркафон** | ба воситаи табар кафонидашуда |
| **табаркафониш** | ба воситаи табар кафонидан |
| **табарсоз** | устое, ки табар месозад |
| **табартеша** | тешаи нӯгпаҳн (монанд ба табар) |
| **табдард** | дарди табнок |
| **табдилдеҳ(ак)** | воситаи табдили чизе ба чизе |
| **табдор** | дорои таб (тоб, гармӣ) |
| **табдорӣ** | таб (тоб, гармӣ) доштан |
| **табидан** | ларзидан |
| **табиш** | ларзиш |
| **табсӯз** | сӯзиши табноки бадан |
| **табшикан** | шиканандаи таб (масалан, дору) |
| **тавозундеҳ(ак)** | воситаи тавозун додан (ба мувозинат овардан) |
| **тавозундиҳӣ** | баробар кардан, мувозинат додан |
| **тавонманд** | қудратманд, тавоно, |

| | |
|---|---|
| | неруманд |
| **тавонсанҷ** | воситаи чен кардани тавон (иқтидор) |
| **таворабандӣ** | тавассути тавора бастани атрофи чизе (масалан, боғ) |
| **таворакашӣ** | кашидани тавора |
| **тавсиадеҳ(ак)** | воситаи тавсиа додан (васеъ кардан) |
| **тавсиадиҳӣ** | тавсиа додан, ривоҷ бахшидан |
| **тагбандӣ** | аз таг бастан |
| **таггузора** | ба таги чизе гузошташаванда |
| **тагмон(ак)** | чизе, ки аз таги чизе гузошта мешавад |
| **тагпартофт** | аз таги сатҳи чизе ғеҷида партофт шудани чизе |
| **тагсӯ** | сӯ (тараф)-и таг (поён); сӯ ба таг (поён); |
| **тагшикаст** | аз таг шикастан |
| **тагшикаста** | аз таг шикасташуда |
| **тағйирдиҳӣ** | тағйир додан; иваз намудан |
| **тағйирдод** | ниг.: **тағйирдиҳӣ** |
| **тағйирнаёбандагӣ** | хусусияти тағйирнаёбӣ доштан |
| **тағйирнопазирӣ** | ниг.: **тағйирнаёбандагӣ** |
| **тағзиядеҳ(ак)** | ҷузъ ва ё абзоре, ки тавассути он барои истифодаи минбаъда неру (энергия) гирифта мешавад (масалан, шабака, батарея) |
| **тағзиядиҳӣ** | тағзия додан, ғизо додан; неру додан |
| **такиш** | такидан, ҷунбидан, ларзидан |

| | |
|---|---|
| **такона** | воситаи тakондиҳӣ (ба ҷунбишоварӣ), такондиҳанда |
| **такониш** | такондан, ҷунбондан, ларзондан |
| **такондеҳ(ак)** | воситаи такондиҳанда |
| **такондиҳӣ** | такон додан, ба ҷунбиш (ларза) овардан |
| **такономеза** | омеза (омехта)-е, ки бо роҳи такондиҳӣ (ҷунбондан) ҳосил шудааст |
| **такономезиш** | такон дода омехта кардан; такон хӯрда омехта шудан |
| **таконрехт** | такон хӯрда рехтан |
| **таконхӯрд** | такон хӯрдан |
| **такрорёбӣ** | такрор ёфтан, такрор шудан |
| **такрорпазир** | такроршаванда, қобили такрор |
| **такрорпазирӣ** | қобилияти такрор доштан |
| **такроршавандагӣ** | ниг.: **такрорпазирӣ** |
| **такядеҳ(ак)** | воситаи такядиҳӣ |
| **такядиҳӣ** | такя додан |
| **такямонд** | ниг.: **такямонӣ** |
| **такямонӣ** | такя мондан |
| **тақвиятдеҳ(ак)** | воситаи тақвият додан, пурқувват сохтан |
| **тақвиятдиҳӣ** | тақвият додан, пурқувват намудан |
| **тақсимбанд(ак)** | воситаи тақсимбандӣ |
| **тақсимбаст** | амали ба қисмҳо ҷудо кардан (тақсим кардан) |
| **тақсимпазир** | тақсимшаванда, қобили тақсим |
| **тақсимпазирӣ** | тақсимшаванда будан, |

| | |
|---|---|
| | қобили тақсим будан |
| **тақсимсоз(ак)** | воситаи тақсим (ҷудосозӣ) |
| **талабдорӣ** | талаб доштан |
| **талабдошт** | ниг.: **талабдорӣ** |
| **талабкард** | талаб кардан |
| **талхдонак** | дорои донаки талх; донаки талх |
| **талхдору** | доруи талх |
| **талхмева** | меваи талх |
| **тамосдеҳ(ак)** | воситаи тамосдиҳанда (алоқадиҳанда) |
| **тамосдиҳӣ** | тамос додан, бо ҳам расондан |
| **танбагузорӣ** | танба гузоштан |
| **тангдара** | дараи танг |
| **тангроҳа** | роҳи танг, пайроҳаи танг |
| **танзимдеҳ(ак)** | воситаи танзим кардан |
| **танзимдиҳӣ** | ба танзим овардан, муназзам кардан |
| **таниш** | танидан |
| **танларза** | ларзаи тан |
| **танларзиш** | ларзиши тан |
| **тано** | қобили танидан |
| **таноббаст** | бо таноб бастан |
| **танобтоб** | коргари тобандаи таноб (ё симтаноб) |
| **танобтобак** | абзори тофтани таноб (ё симтаноб) |
| **танобтобӣ** | тофтани таноб (ё симтаноб) |
| **тарангбандӣ** | таранг кашида бастан |
| **тарафгардонӣ** | аз тарафе ба тарафе гардонидан |
| **тарафкашӣ** | ба тарафе кашидан |
| **таркиббандӣ** | ба таркибҳо ҷудо карда, |

| | |
|---|---|
| | синфбандӣ кардан |
| **таркибташхис** | ба воситае ташхис намудани таркиби чизе |
| **таркишбардор** | нисбат ба таркиш устувор будан |
| **таркишдеҳ(ак)** | воситаи ба таркиш овардан |
| **таркишзо(й)** | хатари таркидан доштан |
| **таркишмоя** | моя (манбаъ)-и таркиш |
| **таркишнозо(й)** | хатари таркидан надоштан |
| **таркона** | воситаи ба таркиш овардан |
| **тарқишбанд** | воситаи бастан (муҳкам кардан)-и тарқиш (рахна) |
| **таровиш** | аз чизе заҳида гузашта, ҷорӣ шудан |
| **тароздеҳ(ак)** | ниг.: **тавозундеҳ(ак)** |
| **тароздиҳӣ** | ба тароз овардан; баробар кардан |
| **тароша** | ҳосили тарош |
| **тарошкорд** | корди тарошкорӣ |
| **тарошteша** | тешаи тарошкорӣ |
| **тарсгурехт** | аз тарс гурехта рафтан |
| **тарсларз** | аз тарс ларзанда (масалан, бадан) |
| **тарсларза** | ларзиши бадан, ки аз тарс ба вуҷуд меояд |
| **тарҳкард** | тарҳ кардан; кам кардан |
| **тасмаарра** | арраи тасмашакл |
| **тафбод** | боди тафсон |
| **тахминзад** | тахмин задан, тахмин кардан |
| **тахтабаст** | тахтабанд кардан |
| **тахтараф** | рафи тахтагӣ |
| **тахткард** | тахт (ҳамвор) кардан |
| **тафса** | тафсонанда |

| | |
|---|---|
| **тафсаафзор** | абзори тафсонанда |
| **тафсбардорӣ** | устуворӣ нисбат ба тафс |
| **тафсгирӣ** | тафс гирифтан |
| **тафсдеҳак** | воситаи тафсдиҳӣ; афзор барои таф дода пухтани хӯрок |
| **тафсона** | тафсонкунанда; тафсдиҳанда |
| **тафсонӣ** | тафсон будан |
| **тафспазирӣ** | тоқатпазирӣ нисбат ба тафс |
| **тафсхӯрандагӣ** | хосияти тафс гирифта тавонистани чиз |
| **тафтаоҳан** | оҳани тафта (тафсон) |
| **тафтафавра** | ниг.: **тафтафағона** |
| **тафтафағона** | фағона (фаввора)-и тафтаи вулкан |
| **тафтафилиз** | филизи тафта (тафсон) |
| **таъвиздеҳ(ак)** | ҷузъи иваз кардани чизе ба чизе |
| **таъвиздиҳӣ** | иваз кардани мавқеъ (ҳолат, ҷой ва ғайра) |
| **таъсиршиканӣ** | бетаъсир кардан, бетаъсир гардонидан |
| **теғтарош** | бо теғ тарошидашуда |
| **теғтарошӣ** | бо теғ тарошидан |
| **тезгузар** | тез (зуд) гузаранда (масалан, абр) |
| **тезгузашт** | тез (зуд) гузаштан |
| **тездав** | тез даванда |
| **тездам** | дам (теғ)-и тез (бурро); он чи дами тез дорад (масалан, корд) |
| **тезнавохт** | тез навохтан |
| **тезрафт** | тез рафтан; тезраванда |
| **тезтеға** | теғаи тез; он чи теғаи тез |

| | |
|---|---|
| | (рост) дорад |
| **тезҷунбо** | тезҷунбанда, тезҳаракаткунанда |
| **тезшоро** | тез (босуръат, бошаст) шоранда |
| **телабаровард** | тела дода баровардан |
| **теладаровард** | тела дода даровардан |
| **телабурд** | тела-тела бурдан |
| **телагард** | ба воситаи тела гарданда (раванда) |
| **теладеҳ(ак)** | ҷузъи теладиҳанда |
| **тиккакард** | тикка кардан, пора кардан |
| **тиккамавод** | маводди тикка (пора) кардашуда |
| **тирарӯз** | рӯзи тира (хира) |
| **тираситора** | ситораи тира |
| **тираҳаво** | ҳавои тира (хира) |
| **тирачароғ** | чароғи тира (хира) |
| **тирачило** | ҷилои тира (хира) |
| **тирпарвоз** | парвози тирсон, ба мисли тир парвоз кардан |
| **тиррафт** | ба мисли тир рафтан, тир барин рафтан |
| **тирсон** | ба сон (мисл)-и тир |
| **тирфосила** | фосилаи тиррас |
| **титкард** | тит (парешон) кардан |
| **тобак** | воситаи тоб дода, сахт кач ё хам кардан |
| **тобасанг** | санги калони ҳамвор |
| **тобдиҳӣ** | ба тарафе тоб додан (сахт кач ё хам кардан) |
| **тобдон** | ҷойи ба хона даромадани равшанӣ |
| **тобдор** | дорои тоб |

| | |
|---|---|
| **тобдорӣ** | тоб доштан |
| **тобовард** | тоб овардан; тоқатпазирӣ |
| **тобонмоҳ** | моҳи тобон |
| **тобонранг** | ранги тобон |
| **тобонсанг** | санги тобон |
| **тобонфилиз** | филизи тобон |
| **тобпартоӣ** | тоб партофтан, сахт каҷ (хам) шудан |
| **тобпартофт** | тоб партофтан, каҷ шудан (масалан, дар) |
| **торкашӣ** | кашидани тор (масалан, барои овехтани чизе) |
| **торпечонак** | воситаи торпечонӣ |
| **торпечонӣ** | печонидани тор |
| **торскаф** | торс (якбора, онан) кафанда |
| **торскафиш** | торс (якбора, онан) кафида шудан |
| **тофтабаровард** | тофта баровардан (масалан, мехро аз тахта) |
| **тофтабарорӣ** | ниг.: **тофтабаровард** |
| **тофтадаровард** | тофта даровардан (масалан, мехпеч (винт)-ро ба оҳан |
| **тофтадарорӣ** | ниг.: **тофтадаровард** |
| **тофтакушоӣ** | тофта кушодани чизе |
| **тофтасим** | сими тофта (тобдор, печида) |
| **тофтатаноб** | таноби тофта (тобдор, печида) |
| **тукидан** | бо ангушти даст кӯфтани чизе |
| **тукиш** | амали тукидан |
| **туманпора** | пораи туман |
| **тунданво** | анвои тундмаза |
| **тундбод** | боди тунд (тез) |
| **тунддуд** | дуди тунд (тези нафасгир) |

| | |
|---|---|
| **тунуканова** | новадони тунука (аз тунука сохташуда) |
| **тунукапӯлод** | пӯлоди ба шакли тунука тавассути қолаб рехташуда |
| **тунукатило** | тилои ба шакли тунука тавассути қолаб рехташуда |
| **тунукафилиз** | филизи ба шакли тунука тавассути қолаб рехташуда |
| **тунукбур** | тунук буридашуда |
| **тунукбуриш** | буриши тунук; тунук буридан |
| **тунукварақа** | варақаи тунук; дорои варақаи тунук |
| **тунукдарё** | дарёи тунукоб |
| **тунукдевор** | девори тунук |
| **тунукқабат** | қабати тунук |
| **тунукоба** | ҷойи тунуки оби дарё (баҳр, кӯл, уқёнус) |
| **тунукпарда** | пардаи тунук (нафис) |
| **тунукпӯст** | пӯсти тунук; пӯсти дорои тунук |
| **туршнамак** | намаки туршмазза |
| **туршҷӯша** | ҷӯшаи туршаасос; турш шуда баҷӯшомада |
| **туршҷӯшиш** | ҷӯшиши туршаасос; турш шуда ҷӯшидан |
| **тӯбмонӣ** | тӯб-тӯб мондан |
| **тӯбсанг** | санги тӯбшакл |
| **тӯдаабр** | абри тӯда |
| **тӯдарезӣ** | тӯда-тӯда рехтан, тӯда-тӯда ҷамъ овардан |
| **тӯдарехт** | ниг.: **тӯдарезӣ** |
| **тӯдамонӣ** | тӯда-тӯда мондан |
| **тӯлгустариш** | густариши қадӣ (тӯлӣ, |


